САФАРИ ПРЕЗИДЕНТИ ЭРОН БА ТОҶИКИСТОН с. 7

СУҒД: 164 КОРХОНАИ САНОАТӢ ДАР ЯК СОЛ с. 6

UFC. МУКОФОТИ НУРУЛЛО АЛИЕВ ЧӢ ҚАДАР АСТ? с. 15





# ТОҶИКИСТОН

№3 (1617), 15.01.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992


## МУҲОҶИРАТ БА ҚАТАР

киҳо метавонанд ба ин кишвар раванд?








## ДАР ИН ШУМОРА:


**НАФАСИ ОЗОД** — Эълони моратория дар Тоҷикистон с.3

**ҶОНИБЕК ҲИКМАТ** — Тоҷик президенти ЮНИСЕФ с.2

**ТРАМП ВА ПУТИН** — Мулоқот кай баргузор мешавад? 4

**РИОЯИ ШАФФОИЯТ** — Палатаи ҳисоб фаъолияти шаҳрдориро месанҷад с.5

**АЗ ДУБНА ТО ҶОПОН** — Корномаи илмии профессор Холмуродов с.8

**БОБОҶОН ҒАФУРОВ** — Асои ӯ чӣ тавр ба Язғулом рафт? с.9

**ШЕРАЛӢ ЯҲЁЕВ:** — Кори журналист ҳеҷ гоҳ осон набуд! с.10

## СЕ АНДОЗСУПОРАНДАИ БЕҲТАРИН. ОНҲО КИСТАНД?

**Дар Тоҷикистон андозсупорандаҳои беҳтарин дар соли 2024 муайян ва бо диплом қадрдонӣ гардиданд.**

Ба иттилои Кумитаи андоз, КВД "Тоҷикаэронавигатсия", ҶДММ "Муосир"-и ноҳияи Данғара ва ҶСК "Шабакаҳои интиқоли барқ"-и шаҳри Душанбе беҳтарин андозсупорандагони сол эътироф шуданд.

Ин ширкатҳо барои риояи қонунгузории андоз, дар мўҳлати муқаррарӣ супурдани эъломияҳои андоз, зиёд намудани ҳаҷми маблағи андозҳои пардохтшуда дар муқоиса бо соли гузашта ин мақомро ба даст овардаанд.

Кумитаи андоз таъкид кардааст, ки онҳо "бо нишон додани фарҳанги нисбатан баланди андозсупорӣ ҳамчун андозсупорандаи беҳтарин донista шуданд".

## ДАЪВАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ НОЗИРОНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Нозирони 26 кишвари ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ барои назорати интихоботи парлумонӣ ба Тоҷикистон меоянд.**

Ба гуфтаи узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон Махфират Хидирзода, Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ба 26 давлати хориҷӣ ва чаҳор созмони минтақавию байналмилалӣ барои ширкат дар интихоботи парлумонии Ҷумҳурӣ ба сифати нозир даъватнома ирсол кард.

Ҳамчунин, барномаи мобилии "Интихоботи вакилони халқ - 2025" роҳандозӣ шудааст.

"Шаффофият ва ошкорбаёнӣ яке аз принсипҳои асосии баргузории интихобот аст. Дар ин росто, КМИР бо мақсади инъикоси фаъолияти худ сомонаи интернетии худро такмил дод, ки фаъол аст ва тамоми паҳлуҳои фаъолияти онро фаро мегирад",- таъкид дошт Хидирзода.

Ёдовар мешавем, ки 2-юми марти соли 2025 интихоботи палатаи поёнии парлумони Тоҷикистон, маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кўҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо баргузор мешавад.

## ХУҶАНДУ КЎЛОБ ШАҲРИ БЕҲТАРИН ЭЪТИРОФ ШУДАНД

**Дар вилоятҳои Суғду Хатлон ғолибони озмуни «Беҳтарин шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, деҳа, маҳали аҳолинишин ва хонаи истиқоматӣ дар соли 2024» муайян гардиданд.**

Дар бахши «Шаҳри беҳтарин» шаҳрҳои Хуҷанду Кўлоб соҳиби ҷойи якум, дар бахши «Ноҳияи беҳтарин» ноҳияҳои Ашту Данғара ҷойи аввал шуданд.

Озмуни мазкур дар асоси нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, таҳкими бунёдкорию созандагӣ, ҳифзи анъанаҳои миллӣ баргузор шуд.

Ғолибон дар маросими махсуси қадршиносӣ дар бинои мақомоти ҳарду вилоят бо Диплом ва мукофотпулӣ сарфароз гардиданд.



## ТОҶИК ПРЕЗИДЕНТИ ШЎРОИ ИҶРОИЯИ ЮНИСЕФ

**Ҷонибек Ҳикмат ба мақоми президенти Шўрои иҷроияи ЮНИСЕФ дар соли 2025 интихоб шуд. Ў ҳамзамон аз соли 2021 инҷониб намояндаи доимии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид аст.**

Шўрои иҷроияи ЮНИСЕФ як ниҳоди муҳим аст, ки вазифаи назорат ва арзёбӣ кардани фаъолияти бунёди кўдакони СММ-ро бар ўҳда дорад. Президенти Шўро ва аъзои он дар масъалаҳои маъмурӣ ва амалкардӣ ҳамоҳангсоз мебошанд.

Ҷонибек Ҳикмат қаблан дар солҳои 2010-2014 дар сафоратҳои Тоҷикистон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Британияи Кабир ба ҳайси котиби дуюм фаъолият доштааст. Ғайр аз ин, ў дар солҳои 2016-2019 дар намояндагии доимии Тоҷикистон дар СММ ҳамчун котиби аввал ва мушовир кор кардааст.

Ҷонибек Ҳикмат хатмкардаи Eastern Mediterranean University-и Кипр мебошад. Оиладор, соҳиби се фарзанд аст.

## САРИ САБЗ



**Саидмурод МАРДОНОВ, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон**

**- Кўдакии ман дар деҳот сипарӣ шудааст. Он вақт хокбозиву харсаворӣ мекардам. Волидонам аз зумраи одамони сарфарозанданд. Мо даҳ фарзандем ва ман кенҷа ҳастам. Аз 10 фарзанд ҷор нафарамон таҳсилоти олӣ дорем. Ман дар мактаб доим 4-у 5 мегирифтам...**

*- Деҳаҳо ҳоло ҳам ҳастанд, устоди азиз, кўдакон ҳам бештар шудаанд, ки кам не. Аммо хокбозиву харсаворӣ кам шудааст. Бозии билярду мошинсаворӣ мўд аст вақтҳои охир.*



**Далер НАЗАРОВ, овозхони маъруфи тоҷик**

**- Бояд он гуна суруд хонд, ки гўё чашмаи кўҳӣ ва ё боди баҳорӣ суруд мехонад... Мавҷи оҳангҳо метавонанд ҳар вақте биёянд. Аммо ман ҳамеша дар ҳолати илҳом қарор дорам, яъне эҳсоси зиндагӣ ҳамеша бо ман аст ва метавонам бадоҳатан мусиқӣ навозам.**

*- Агар камтар бодиққат таваҷҷуҳ диҳед, бисёр сарояндаҳоямон ҳамеша дар ҳолати илҳом қарор доранд. Баъзе ончунон суруд мехонанд, ки ҳатто гўё сангу ҷўб ва дарахтон суруд мехонанд.*



**Қаҳрамон ЁРОВ, ҳунарманди театр-студияи "Хандинкамон"**

**- Кўшиш мекунем ба ҳадафи аслии ҳаҷв, ки таъсиррасонӣ ба афкор ва болидарўҳии мардум аст, бирасем. Бисёр меҳоҳем ба нуктае бирасем, ки мардум баробари дидани саҳнаҳои ҳаҷвии мо ҳам биханданд ва ҳам аз гуфтору рафтору кирдори ношоиста парҳез кунанд.**

*- Кўшишу хостаҳоятон лоиқи ситоиш аст, аммо ба нуқтае расидаву аз он нуқта нагузаред, беҳтар аст. Мегўянд ку, баъзан оқибати хандаро гиря шуданаш эҳтимол дорад.*

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА, президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР, Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шўрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ, академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ, сармуҳаррири рўзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рўдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА, доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ, доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА, нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ, нависанда

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ, саҳифабанд

МУАССИС: Ҳайати кормандони ҳафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад.*
*Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дўш надорад.*
*Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА: 221-00-84, 227-19-95 tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16 238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61 ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРЎШИ РЎЗНОМАҲО 918-66-82-64, 221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР: 33 000 нусха.



## Эълони мораторияи навбатӣ дар Тоҷикистон

# НАФАСИ ОЗОД

**Инак, давоми ду сол соҳибкорон дар кишвар ба иборае “нафаси озод” мекашанд. Бо фармони Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ моратория эълон шуд. Ба ҷуз мақомоти андоз, ягон мақомоти дигар давоми солҳои 2025-2027 ҳақи дари корхонаеро кӯфтану тафтишро надоранд.**

### ШАРҲИ РАСМӢ

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани моратория ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» 10-уми январи соли 2025 имзо шуд. Тибқи фармони мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати як моҳ санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро ҷиҳати татбиқи он пешниҳод менамояд. Муносибатҳо вобаста ба мораторияи эълоншуда дар доираи Қонун «Дар бораи моратория ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» танзим мегардад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии татбиқи моратория ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкориро муайян намуда, тартиби татбиқи мораторияро муқаррар ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро ҳифз менамояд.

### ТАШАББУСИ 5-УМ

Моратория дар Тоҷикистон асосан барои дастгирии соҳибкорӣ ва рушди иқтисод аст. Ҳадафи асосии ин тадбир фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна, беҳтар кардани иқтидори саноатӣ ва содиротии кишвар мебошад.

Моратория дар Тоҷикистон бори панҷум аст, ки ҷорӣ мешавад ва қаблан дар солҳои 2008, 2011, 2018 ва 2022 эълон шуда буд.

Ба андешаи соҳибназарон, ташаббусҳои қаблӣ барои беҳтар кардани фазои соҳибкории кишвар, тақвияти саноат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат намуданд. Зеро дар давраи моратория соҳибкорон метавонанд аз санҷишҳои ғайриқонунӣ ва беасос раҳо ёбанд. Онҳо ба рушди соҳибкории худ ва истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ таваҷҷуҳи бештар мекунанд.

### СОҲИБКОР ҲАВАСМАНД БОЯД БОШАД!

Бояд зикр намуд, ки соҳибкорӣ омили асосии истеҳсолот ва намуди бартаридоштаи фаъолияти иқтисодӣ аст. Ҳукумати кишвар ба ин самт пайваста таваҷҷуҳ дорад.

Ба андешаи иқтисодшинос Олим Бобоев, мораторияҳое, ки қаблан эълон ва амалӣ шуданд, натиҷаи назаррас ба бор оварданд. Зеро дар ин давра фаъолияти соҳибкории хурду калон ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ бештар гардид. Ӯ мегӯяд, ки ҷорӣ гардидани моратория дар аксари кишварҳо роиҷ аст. Аз ҷумла, дар Қазоқистон ва Қирғизистон чандин маротиба моратория амалӣ карда шуд: «Аслан барои санҷиш худи соҳибкор ҳавасманд бошад, на сохтори дигар. Аудит аз тарафи корхона даъват шавад. Ё барои нуфузи корхонаро баланд бардоштан, аз хориҷа аудитор даъват шуда, вазъи молиявиро дида бароянд. Инро худи соҳибкорон бояд талаб кунанд. Ба соҳибкорон набояд, ки фишор оварда, вазъи корхонаашонро бадтар кард. Бархе сохторҳо ғаразмандона корхонаҳоро аз санҷиш мегузаронанд. Дар Тоҷикистон ташкилотҳои аудиторӣ зиёданд. Корхонаҳо зарурият шуморанд, бо ин аудиторон ҳамкорӣ намоянд, беҳтар аст. Масалан, агар бо ман касе салом накард, маънои онро надорад, ки ӯро дар ҷояш шинонам».

Ҳоло дар Тоҷикистон чандин барнома, махсусан вобаста ба рушди саноат ва таъмини бештари аҳолӣ ба шуғл қабул шудааст. Яке аз онҳо солҳои 2022-2026 “Солҳои рушди саноат” аст. Дар давраи амалии мораторияи навбатӣ имкон фароҳам меояд, ки барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ба таври дилхоҳ амалӣ гарданд. Махсусан, дар ҷалби сармоя, таъсиси ҷойҳои корӣ, воридоти андозҳо ба буҷети давлатӣ таъсири назаррас хоҳад расонд. Чунки таъмини ҳадафҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла амнияти озуқаворӣ дар шароити имрӯз аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ аз татбиқи моратория истифода карда, имконият пайдо менамоянд, то вақти барои санҷиш пешбинишударо барои зиёд кардани маҳсулоти кишоварзӣ сарф намоянд. Дар баробари ин, онҳое, ки ба воридоти дастгоҳҳои технологӣ машғуланд, соҳибкоронро бо технология таъмин менамоянд. Яъне, дар маҷмуъ барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ҳама кӯшиш хоҳанд кард. Боз вақт нишон медиҳад, ки эълони мораторияи навбатӣ чӣ натиҷа медиҳад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

# МУҲОҶИРАТ БА ҚАТАР

## киҳо метавонанд ба ин кишвар раванд?



**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон шаҳрвандонро барои кор дар Давлати Қатар барои соли 2025 даъват менамояд. Вазорат рӯйхати касбу ихтисосҳоеро, ки дар ин кишвар серталаб аст, нашр кард.**

*Дар телеграмканали вазорат гуфта мешавад, ки мутахассисон аз ҷумла ба самтҳои зерин даъват мешаванд:*

**Хоҷагиҳои фермерӣ:**

- оператори калони коркард, бо доштани таҷрибаи на кам аз 2-3 сол дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва нӯшокиҳо;
- техники низоми механикӣ, бо доштани таҷрибаи на кам аз 2-3 сол дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва нӯшокиҳо;
- техники низоми электрикӣ, бо доштани таҷрибаи на кам аз 2-3 сол дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва нӯшокиҳо;
- корманди озмоишгоҳ (лаборант), бо доштани таҷрибаи на кам аз 2-3 сол дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва нӯшокиҳо;
- назоратчии системаи ETP/RO, дорои дипломи дараҷаи бакалавр дар муҳандисии кимиёвӣ;
- ширҷӯшӣ.

**Мутахассисони соҳаи автомобилсозӣ ва таъмири автомобилҳо, аз қабили:**

- назорати ҳуҷҷатҳои семинарӣ, дорандаи дипломи автомобилсозӣ;
- механики дизел;
- ёрдамчӣ дар анборҳои мошинҳои боркаш.

**Аз ҷониби корфармо чунин шароит пешниҳод карда мешавад:**

- музди меҳнат аз 550 доллари ИМА боло вобаста ба ихтисос;
- харидории билет ва раводид (виза), ҷойи хоб, хӯрок, либоси корӣ ва корти нақлиётии ройгон, хизматрасонии тиббӣ аз ҷониби корфармо пешбинӣ мегардад;
- кор танҳо барои шаҳрвандони донандагони забонҳои англисӣ ё арабӣ пешниҳод карда мешавад;
- синну сол: аз 20-40-сола;
- барои номнавис кардан бояд CV-и худро бо забони англисӣ пешниҳод намоед.

Ёдовар мешавем, ки моҳи ноябри соли гузашта вазири меҳнати Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода бо вазири рушди идорӣ, меҳнат ва умури иҷтимоии Давлати Қатар Алӣ Бин Самих ал-Маррӣ дидору гуфтушунид кард. Дар ин мулоқот масоили муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон ба Қатар, масоили ба қайд гузоштан, анҷоми расмиёти ҳуҷҷатҳо, ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва шароити будубош дар Қатар баррасӣ шуданд.

Гуфта мешавад, ки шаҳрвандони Тоҷикистонро “Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа"-и Хадамоти муҳоҷират ба Қатар мефиристад. Нафарони хоҳишманд барои сабти ном бояд ба “Марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ” ва сохторҳои ин ниҳодҳо дар шаҳри Душанбе ва маркази вилоятҳо муроҷиат кунанд.

Хоҳишмандон метавонанд тавассути рақамҳои 225 05 75 ва 225 02 21 дар бораи кор дар Қатар маълумоти бештар пайдо кунанд.

**Д. ҚОДИРПУР**

## Боздошти Президент



**Оҷонси мубориза бо фасод дар Кореяи Ҷанубӣ эълон кард, ки раисҷумҳури барканоршудаи ин кишвар боздошт шуд. Тибқи гузоришҳои ибтидоӣ, неруҳои муҳофизи Юн Сок Ёл бо кормандони пулис даргир шуданд.**

Ин талоши дувуми мақомоти Кореяи Ҷанубӣ барои боздошти Юн Сок Ёл буд. Чанд рӯз қабл мақомот кӯшиш карданд, ки ӯро боздошт кунанд, аммо бо муқовимати маъмурони амниятии раёсати ҷумҳурӣ рӯ ба рӯ гаштанд. Юн Сок Ёл дар оғози декабри соли 2024 дар кишвар ҳолати ҷангӣ эълон карда мардуми кишварашро дар таҳлука андохт. Пас шаш соат қарор бекор шуд ва ӯ истеъфо дод.

Deutsche Welle



## Салимбойбача аз зиндон озод шуд

**Салим Абдувалиев, ки бо лақаби Салимбойбача маъруф аст, соҳибкор ва яке аз соҳибнуфузони олами ҷиноӣ дар Ӯзбекистон, ки ба 6 соли зиндон маҳкум шуда буд, рӯзи 12-уми январи соли 2025 бинобар бад шудани вазъи саломатӣ аз зиндон раҳо шудааст.**

Абдувалиеви 75-сола дар аввали моҳи декабри соли 2023 бо гумони нигоҳдории ғайриқонунии силоҳ боздошт ва барои шаш сол равонаи зиндон шуда буд. Ӯ қаблан дар мақоми муовини раиси Кумитаи миллии олимпии Ӯзбекистон ва раиси Ассотсиатсияи куштии варзишии ин кишвар фаъолият кардааст.

KUN.UZ

# ВОХӮРИИ САРНАВИШТСОЗ

## Трамп барои мулоқот бо Путин омодагӣ мебинад



**Президенти мунтахаби ИМА Доналд Трамп гуфт, ки ҳоло омодагӣ ба мулоқоти ӯ бо президенти Русия Владимир Путин ҷараён дорад, вале нагуфт, ки ин вохӯрӣ кай барпо мешавад.**

Трамп, ки 9-уми январ дар қароргоҳаш дар Мара-Лагои Флорида бо раҳбарони ҷумҳурихоҳи иёлоти мухталифи Амрико суҳбат мекард, гуфт: “Мо бояд ба ин ҷанг хотима диҳем”.

Ӯ гуфт, то замони шурӯи расмии кораш - 20-уми январ аз додани ҷузъиёт худдорӣ мекунад. Дар Кремл ҳанӯз ин изҳоротро шарҳ надодаанд. Аз ин пеш сухангӯи Кремл Дмитрий Песков гуфт, ки Путин хоҳиши Трампро барои барпо кардани робитаҳо дастгирӣ мекунад, вале ҳанӯз ҳеҷ дархости расмие ба Кремл ворид нашудааст.

Мушовири Трамп Кит Келлогг рӯзи 7-уми январ дар суҳбат ба шабакаи Fox News гуфт, ки "Трамп кӯшиш мекунад Украина ва соҳибихтиёрии онро начот диҳад ва боварӣ ҳосил кунад, ки ин одилона аст. Ӯ инро борҳо таъкид кардааст”.

Келлогг илова кард, ки Трамп метавонад дарояндаи наздик роҳи хотима додан ба ҷанг дар Украинаро пешниҳод кунад. Намояндаи вижа бар ин назар аст, ки мӯҳлати пешниҳоди нақша метавонад то 100 рӯз бошад.

Худи Доналд Трамп 7-уми январ дар суҳбат бо хабарнигорон гуфт, майл дорад, ки гуфтугӯҳо бо Русия барои поён додан ба ҷанги Украина пас аз ворид шудани ӯ ба Кохи Сафед билофосила оғоз шавад.

Трамп, ки дар мулоқоти қаблиаш бо журналистон гуфта буд, дар сурати президент шуданаш ҷангро дар Украина дар 24 соат хотима медиҳад, вактҳои охир дигар аз гуфтани мӯҳлатҳои мушаххас худдорӣ карда, дар яке аз нишастҳои матбуотии 7-уми январаш гуфт, умедвор аст амалиёти ҷангӣ байни ду кишвар дар ним сол хотима дода мешавад.

YONHAP NEWS AGENCY

# ШАРТИ ЗЕЛЕНСКИЙ БА КИМ ЧИН ИН



**Хабаргузории “Yonhap” аз қавли мақомоти иктишофии Куриёи Ҷанубӣ хабар дод, ки зиёда аз 300 сарбози Куриёи Шимолӣ дар Курски Русия кушта шудаанд. Неруҳои Украина бахше аз ин вилоятро зери назорат доранд.**

Ба иттилои “Yonhap”, 2700 низомии дигари Куриёи Шимолӣ дар Русия захмӣ ҳастанд.

Владимир Зеленский, раисҷумҳури Украина рӯзи 11-уми январ гуфт, ки неруҳои кишвараш ду сарбози Куриёи Шимолиро дар Курск ба асорат гирифтаанд.

Аз як сарбози асир билети ҳарбӣ ба номи Антонин Аранчин, сокини Тива ёфт шудааст.

Би-би-сӣ мегӯяд, Русия бо ин роҳ ҳузури низомиёни Куриёи Шимолиро дар ҷанги зидди Украина пинҳон медорад.

Зеленский гуфт, Киев дар ивази раҳоии асирони украинӣ дар Русия омодааст, ки ду сарбози Куриёи Шимолиро ба раҳбари он кишвар Ким Чен Ин бидиҳад.



# ИЗҲОРОТИ МАЛОЛА ЮСУФЗАЙ

**Малола Юсуфзай, барандаи Ҷоизаи сулҳи Нобел аз раҳбарони кишварҳои мусалмонӣ хост, ки ба ҳукумати "Толибон" дар Афғонистон "ҷомаи қонунӣ" напӯшонанд.**

Вай, баръакс, аз онҳо даъват кард, ки бо истифода аз "қудрати худ" алайҳи монеагузории "Толибон" ба кору таҳсили занон ва духтарон садо баланд кунанд.

"Одӣ карда гӯем, "Толибон" занонро одам ҳисоб намекунанд", — гуфт Малола Юсуфзай рӯзи 12-уми январ дар пойтахти Покистон.

Дар Исломобод рӯзи 11-уми январ нишасти намояндагони тахминан 50 давлати мусалмоннишин оғоз ёфт. Ягон намояндаи ҳукумати "Толибон"-и Афғонистон ҳозир нашуд.

Вазири маорифи Покистон Холид Макбул Сиддиқӣ гуфт, бо вуҷуди ин ки намояндагони ҳукумати Толибон барои иштирок дар конфронс расман даъват шуда буданд, “ҳеҷ як намояндаи ҳукумати Афғонистон ба конфронс ҳозир нашуд”.

Гурӯҳи "Толибон" дар моҳи августи соли 2021 қудратро дар Афғонистон ба даст гирифт ва хондани духтаронро дар мактабу донишгоҳ манъ кард.

Бо вуҷуди маҳкумиятҳои ҷаҳонӣ, то ҳол Толибон ҳеҷ иқдом ба майле барои ислоҳи вазъ нишон намедиҳанд.

Ҳоло танҳо Афғонистон аст, ки дар миёни 57 кишвари узви Созмони ҳамкориҳои исломӣ таҳсили занонро манъ кардааст.

Ин қарор бисёр рӯшанфикрон ва ҳомиёни ҳуқуқи занонро дар Афғонистон ба хашм овардааст.

# ТАЪМИНИ ШАФФОФИЯТ

## дархости Рустами Эмомалӣ ба Палатаи ҳисоб



**Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба Палати ҳисоби Тоҷикистон ҷиҳати санҷиши фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории шаҳрдории пойтахт дар соли 2024 дархост ирсол намуд.**

“Дархост бо мақсади таъмини шаффофият ва самаранокии истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе фиристода мешавад”,- хабар медиҳад дафтари матбуоти шаҳрдории Душанбе.

Ёдовар мешавем, ки қаблан низ Раиси шаҳри Душанбе ба хотири таъмини шаффофият ва самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ дар пойтахт ба мақомоти дахлдор муроҷиат кардааст.

Бо дархости Рустами Эмомалӣ солҳои 2018 ва 2019 фаъолияти шаҳрдорӣ дар солҳои 2017 ва 2018 аз ҷониби Агентии давлатии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия санҷида шуда буд.

Он замон ниҳоди мазкур як қатор сохтмонҳои пойтахт, аз ҷумла лоиҳаи “Манзили дастрас”-ро санҷида, бо маблағи 7,8 млн сомонӣ изофанависӣ ошкор намуда буд.

Ҳамчунин, дар соли 2023 Палатаи ҳисоби Тоҷикистон дар муассисаҳои давлатӣ ба маблағи 405,6 млн сомонӣ қонуншиканиҳои молиявӣ ошкор кард. Аз ин маблағ 398,5 млн сомонӣ рӯёнида шуд, ки 98,2%-ро ташкил медиҳад.

# АЗ ДУШАНБЕ БА ПАНҶАКЕНТУ КӮЛОБ

## “Тоҷик Эйр” масири ҳавоиро эҳё кард

**Парвози аввалини ҳавопаймо дар хатсайри Душанбе-Кӯлоб рӯзи 15-уми январ бо 17 мусофир анҷом ёфт. Дар ин бора аз ширкати ҳавопаймоии “Тоҷик Эйр” хабар медиҳанд.**



Гуфта мешавад, ки парвоз аз Душанбе ба Кӯлоб 30 дақиқа ва баръакс низ дар ин муддат давом кардааст.

“Ҳавопаймо соати 10:20 дақиқа аз шаҳри Душанбе парвоз кард ва соати 10:50 ба шаҳри Кӯлоб фуруд омад. Аз шаҳри Кӯлоб ҳавопаймо соати 13:30 парвоз карда, соати 14:00 ба шаҳри Душанбе фуруд омад”,- гуфтанд дар ширкати “Тоҷик Эйр”.

Ёдовар мешавем, ки ҳафтаи гузашта ширкати ҳавопаймоии “Тоҷик Эйр” аз кушодани хатсайрҳои ҳавоӣ миёни Душанбе-Кӯлоб ва Душанбе-Панҷакент хабар дод.

Ба гуфтаи ширкати "Тоҷик Эйр", парвоз дар масири Душанбе-Кӯлоб-Душанбе ҳафтае се маротиба, рӯзҳои сешанбе, панҷшанбе ва якшанбе анҷом хоҳад шуд.

Ба иттилои манбаъ, нархи чиптаи ин масир 300 сомонӣ буда, вақти парвоз аз Душанбе ба Кӯлоб соати 09:00-и саҳар ва аз Кӯлоб ба Душанбе 10:00-и саҳар сурат гирифт.

Ҳамчунин, манбаъ мегӯяд, парвозҳо дар хатсайри Душанбе-Панҷакент-Душанбе ҳам ҳафтае се бор, рӯзҳои сешанбе, панҷшанбе ва якшанбе сурат мегиранд.

Вақти парвоз аз Душанбе ба Панҷакент соати 09:00-и саҳар ва аз Панҷакент ба Душанбе соати 10:30-и саҳар маълум шудааст. Арзиши чиптаҳо 400 сомонӣ гуфта мешавад.

Ҳавопаймои Душанбе-Панҷакент бояд рӯзи 14-уми январ парвози худро анҷом медод, вале бо сабаби шароити номусоиди обу ҳаво ба рӯзи 16-уми январ мавқуф гузошта шуд.

# ГУЛ ЗЕРИ ПО

## Ҷаро аз таҷрибаи Ҷопон истифода намебарем?



Ҳар баҳор Душанбе лолазор мешавад ва лолаҳои он бо ҳазор ранг ҷилвагар мешаванду дили сокинону меҳмононро лабрез аз фараҳу шодӣ мекунанд. Кас намехоҳад аз ин лолазор чашм канад ва дилсангтарин инсон ҳам, ки солҳо табассум аз лабонаш дур буд, мафтуни зебоии онҳо мегардаду беихтиёр ба қалбаш шодию фараҳ роҳ меёбад. Дар ин айёми гулпӯшии шаҳр одамон дар харакҳои боғҳои шаҳрӣ нишаста, аз ин манзараи нотакрор баҳра мебардоранд, якҷо бо аҳли байти худ аксбардорӣ мекунанд, зеро медонанд, ки умри ин гилеми лолабофт кам аст ва ҳамагӣ 2-3 ҳафта идома меёбаду халос. Аммо бо ба охир расидани умри лолаҳои шаҳр умри ин гулистон хотима намеёбад ва ҷои онро боз гулҳои рангаи ба ҳар фасли сол мувофиқ мегиранд. Табиати шаҳри мо чунин аст, ки ҳамасола дар хиёбонҳои он гул мешукуфад ва ин маҳсули заҳмати ҳамарӯзаи он нафаронест, ки дар ин ҷода фаъолият доранд. Ҳамагон ба онҳо аҳсан мегӯем, аммо...

... Аммо дар байни сокинон нафароне ҳам ҳастанд, ки ин заҳмати гулкорон ва сабзкорони пойтахтро зери по мекунанд ва гӯё дидаи нобино доранду роҳро аз чоҳ фарқ намекунанд. Ин ҳолатро дар аксар гулгаштҳои шаҳр дидан мумкин аст, ки ба болои сабза ва ё гулҳои шинонидаи коргарони корхонаи ободонӣ по мегузоранду гул ва ё сабзаи наврустаро несту нобуд мекунанд. Агар як нафар барои чанд қадам наздик кардани роҳи худ ин корро кунад, дигарон низ аз ӯ пайравӣ намуда, аз пайи ин “серка” меравaнд ва дар байни чанд соат гулзор ба харобазор табдил меёбад. Ин “серка”-ҳо ҳатто он тасмаҳои огоҳкунандаро низ ба инобат намегиранд, ки ҷо-ҷо “барои кӯрон асо” гӯён кашида мондаанд. Чунин ҳолатро бештар дар маҳаллаи Фурудгоҳ ва Сирки давлатӣ дидан мумкин аст. Он ҷо дар байни сабзазор ва гулзор пайроҳаҳои худсохти чунин “серкаҳои” бересмонро зиёд динан мумкин аст.

Дар Ҷопон барои чунин рафтор ҳатто зиндон пешбинӣ шудааст, ҳарчанд ки дар ин кишвар ин амал, яъне зери по намудани гулу сабза ғайриимкон аст ва чунин фарҳанг аз гузаштагоншон мерос мондааст.

Ҷаро мо метавонем мошини коидаи роҳро вайронкардаро пайдо карда, ҷарима кунему “серкаи” бебандро наметавонем? Албатта метавонем, фақат хоҳиш лозим. Ҳоло шаҳр дар зери пурбинҳои доимист ва агар ба чунин дурбин ва ё пурбин барномаи махсус дохил карда шаваду онҳо зери назорат қарор гиранд, рӯзи чунин гулкӯбҳо сиёҳ мешавад.

Он гоҳ дигар касе ҷуръат намекунад, ки пой болои гул гузорад...

Мавсими “Сайри гули лола” наздик аст ва гумон мекунем, ки сохторҳои марбутаи сабзкории пойтахтро лозим аст, ки сари ин масъала низ андеша кунанд.

**А. АҲМАДЗОДА,**
**сокини шаҳр**

## РЕЗААХБОР

Вазорати нақлиёти Ӯзбекистон эълон кард, ки хатсайрҳои нави автобус барои ҳамлу нақли мусофирон бо Тоҷикистонро ба роҳ мемонад. Ба гуфтаи манбаъ, ҳамлу нақли мусофирон тавассути автобус ба Тоҷикистон дар масирҳои Самарқанд-Душанбе ва Бухоро-Душанбе ташкил карда мешавад.

***

Моҳи феврали соли равон дар Тоҷикистон Фестивал-намоиши либосҳои миллии «Чилои рангҳо» баргузор мешавад. Ҳадафи баргузор намудани Фестивал-намоиши «Чилои рангҳо» ҷалб намудани рассомон, тарроҳону чеварон, ҳунармандон ва масъулини вазорату кумитаҳои дахлдор ба муосиргардонии либоси миллӣ гуфта мешавад.

***

Маскаву Душанбе ҳамкориҳо дар бахши сайёҳиро тақвият медиҳанд. Ин масъала дар мулоқоти сафири Тоҷикистон дар Русия Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода бо директори Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии "MITT" Максим Шилов баррасӣ шуд. Зикр гардид, ки ҳайати Тоҷикистон дар Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии "MITT", ки 18-20-уми марти соли равон баргузор мешавад, иштирок мекунанд.

***

Дар Душанбе 60 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва 21 мактаби нав бунёд мешавад. Онҳо барои беш аз 32 ҳазор тарбиятгиранда пешбинӣ шудаанд. Дар ин бора аз Расёсати маорифи пойтахт хабар медиҳанд. Гуфта мешавад, ки соли қаблӣ 22 муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои 3 929 ҷой ва 53 муассисаи таҳсилоти умумӣ барои 48 ҳазор хонанда бунёду навсозӣ гардид.

***

Ширкати ҳавопаймоии “Centrum Air”, бузургтарин ширкати ҳаопаймоии хусусӣ дар Ӯзбекистон парвози хати Тошканд-Душанбе-Тошкандро роҳандозӣ мекунад. Дар ин бора ин ширкат дар сомонааш хабар дода, навиштааст, ки парвозҳо аз 30-юми марти соли ҷорӣ оғоз мегарданд. Қимати билети ин масир аз 850 ҳазор сум (ҳудуди 720 сомонӣ) сар мешавад.

# АЗ "САРАЗМ" ТО "РОҒУН"

## Бонки миллӣ тангаҳои ҷашниро ба фурӯш баровард

**Бонки миллии Тоҷикистон фурӯши тангаҳои хотиравӣ ва ҷашниро ба роҳ мондааст. Тангаҳои хотиравӣ ба ифтихори ҷашни солгарди шахсиятҳои бузурги адабиёти классикии тоҷику форс ва санаҳои муҳими таърихӣ аз нуқраи холис сикка зада шудаанд.**

*Аз ҷумла, тангаҳои хотиравӣ ва ҷашнии зерин сикка зада шудаанд:*

**1.** "600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ" - шоири бузург ва мутафаккири форсу тоҷик.

**2.** "700-солагии Мир Сайид Али Ҳамадонӣ" - донишманд, файласуф ва шоири форсу тоҷик, шахсияти таърихӣ.

**3.** "20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" - яке аз санаҳои таърихии давлат, ки нишонаи таҳкими ҳуқуқу озодиҳо ва волоияти қонун дар кишвар мебошад.

**4.** "90-солагии шаҳри Душанбе" - пойтахт ва маркази фарҳангӣ-иқтисодии Тоҷикистон (дар се шакл) бо тасвирҳои Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ, Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**5.** "5500-солагии Саразм" - ёдгории таърихи миллати тоҷик дар водии Зарафшон ва рамзи фарҳангии минтақаи бостонии Тоҷикистон.

**6.** "3000-солагии Ҳисор" - ёдгории таърихи миллати тоҷик дар водии Ҳисор ва рамзи фарҳангии минтақаи бостонии Тоҷикистон.

**7.** "Бозиҳои Олимпӣ" - чун нишонаи муваффақият ва эътирофи маҳорати варзишии тоҷикон дар арсаи ҷаҳон (дар се шакл) "Ҷаҳиш аз частоҳ", "Слалом" ва "Биатлон".

**8.** "20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон" - санаи ҷашни таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**9.** "10-солагии Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё" - санаи таърихии паймони равобити иқтисодии кишварҳои минтақа.

**10.** "Бахшида ба оғози кори НБО-и Роғун" - рӯйдоди барои халқи тоҷик ниҳоят муҳим ва таърихӣ.

*Аз куҷо метавон дастрас кард?*

Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он дар минтақаҳо.

Суғд:

# БУНЁДИ 164 КОРХОНАИ НАВИ САНОАТӢ ДАР ЯК СОЛ

**Дар вилояти Суғд давоми соли 2024-ум 164 корхонаи нави саноатӣ бо беш аз ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфтаанд. Дар бунёди корхонаҳои навтаъсис асосан шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров пешсаф буда, яке 48 ва дигаре 36 корхонаву коргоҳҳои нави саноатиро сохта ба истифода додаанд.**



Дар ин бора Ҳокимбек Нақҳатзода, сардори Сарраёсати Агентии омори назди Президенти ҶТ дар вилояти Суғд иттилоъ дод. Бино ба маълумоти ӯ, корхонаҳои саноатии вилоят тавонистанд дар ин давра беш аз 250 намуди маҳсулоти саноатиро истеҳсол намоянд, ки аксарияти онҳо маҳсулоти воридотивазкунанда будаанд.

"Корхонаҳои саноатии вилоят тавонистанд зиёда аз 258 намуди маҳсулоти саноатиро дар давраи соли 2024 истеҳсол намоянд",- гуфт номбурда.

Ҳамчунин, гуфта мешавад, давоми як соли охир дар сатҳи вилоят аз тарафи корхонаҳои саноатӣ дар ҳаҷми 30,3 миллиард сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шуд, ки ин омор дар муқоиса бо соли гузашта 120,1%-ро ташкил медиҳад. Тибқи маълумоти Хадамоти гумруки вилоят, давоми соли 2024-ум ҳаҷми савдои гардиши хориҷӣ ба 3,3 миллиард доллар баробар шудааст, ки ин рақам нисбати ҳамин давраи соли гузашта 118,3%-ро ташкил медиҳад. Яъне дар ин давра корхонаҳои саноатии вилояти Суғд аз ҷиҳати содирот ба ҳам воридот нишондиҳандаҳои назаррасро ноил шудаанд.

Ҳокимбек Нақҳатзода иттилоъ дод, ки корхонаҳои саноатии вилоят дар ин давра зиёда аз 90 ҳазор тонна маҳсулоти хушк ва 9,6 ҳазор тонна меваҳои тару тоза содирот кардаанд. Ҳамчунин дар ҳаҷми 34,9 ҳазор тонна нахи пахта, 265 ҳазор тонна маҳсулоти маъданӣ, 247 ҳазор тонна сement, 14 ҳазор тонна сурма ва беш аз 180 ҳазор тонна ангишт ба дигар давлатҳо содирот карда шудаанд.

Аз ҷумла давоми соли 2024-ум дар МОИ (Минтақаи озоди иқтисодӣ) "Суғд" корхонаи ҶДММ "Сайр Суғд" ифтитоҳ гардид, ки самти фаъолияташ ба истеҳсоли бозичаҳои бачагона ва трисиклҳои баркӣ нигаронида шудааст. Ин корхона аз тарафи соҳибкори ватанӣ Умаров Мирзо бо маблағгузории 23 млн сомонӣ (2 000 000 доллари ИМА) таъсис дода шудааст. Дар ин корхонаи истеҳсолӣ беш аз 60 нафар кормандон дар ду баст кор мекунанд. Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол аз 240 000 адад мошинчаҳои бачагона ва зиёда аз 3000 адад трисиклҳои баркӣ мебошад. Бояд гуфт, ки маҳсулоти истеҳсолии субъектҳои МОИ "Суғд"-ро бештар ба Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон, Ирок, Озарбойҷон, Олмон, Туркия, Афғонистон, Россия ва Беларус содирот мекунанд.

Ҳоло дар сатҳи вилояти Суғд 1229 корхонаву коргоҳҳои саноатӣ фаъолият мекунанд. Ҳамчунин, ба иттилои ҳамсуҳбати мо, давоми соли 2024-ум 37 корхонаҳои саноатӣ фаъолияти худро қатъ кардаанд, ки ин омор дар муқоиса бо соли 2023-юм 18 адад зиёд мебошад.

**Фарзона ШАМСИЕВА,**
**вилояти Суғд**

# ЗАН - ИНСТРУКТОР

## Чӣ гуна як зан омӯзгори мактаби ронандагӣ шуд?



**Дар ҷомеаи мо зан - ронанда дигар хабари нав нест, аммо зане, ки омӯзгори мактаби ронандагӣ бошад, навгонии ҷолиб аст. Касби инструктори ронанда дар аввал касби мардона ба ҳисоб мерафт. Имрӯз бошад, занон ба ин пеша бо дили пур қадам мегузоранд.**

Шукрия Юлдошеваи 40-сола сокини шаҳри Хуҷанд аст. Вай ба беш аз 100 нафар занон ронандагиро омӯзонидааст. Қариб хамаи шогирдонаш ҳоло дар роҳҳои наклиётгарди вилояти Суғд дилпурона мошин меронанд.

Шукрия Техникуми ҷумҳуриявии шаҳри Душанберо бо ихтисоси тайёр кардани устодони таълими ронандагии истеҳсолӣ хатм кардааст. "Вақте соли 2018 ба мактаби ронандагӣ барои таҳсил ба категорияи D омадам, баъди таҳсил ба ман пешниҳод карданд, ки дар ин мактаб ба ҳайси инструктор кор кунам, зеро талабот аз ҷониби занони шавҳардор хеле зиёд буд",- нақл мекунад қаҳрамони мо.

Қаҳрамони мо шогирдонашро зуд ба паси чамбараки мошин мешинонад ва дар роҳ машқ карда, ба онҳо ронандагиро меомӯзонад. Шукрия ба кори худ хеле ҷиддӣ муносибат мекунад. Бо назардошти хислат, таҷриба ва маҳорати омӯзгорӣ касби худро хеле дӯст медорад. Мегӯяд, ки соати кориаш ҳар рӯз аз 8-и субҳ то 17-и бегоҳ аст.

"Ман рӯзе бо 15-16 зан кор карда, бо ҳар кадоми онҳо то 20 километр атрофи шаҳрро тай мекунам. Мо аз канори шаҳр оғоз мекунем, баъд охистаохиста ба марказ меравем. Баъзеҳо тамоми нозукиҳои ронандагиро зуд аз худ мекунанд, ин ба худи одам вобаста аст,- мегӯяд Шукрия ва илова мекунад,- дар омӯхтани ронандагӣ синну сол монеа нест, муҳим он аст, ки бодиққат бошед ва тарсу ҳаросро мағлуб кунед".

Шукрия мегӯяд, ки занон табиатан хеле эҳтиёткоранд, бинобар ин, ҳангоми ҳаракат дар роҳ, алорағми гумони бади мардон, камтар ба садама дуҷор мешаванд.

"Имрӯз рондани мошин хеле душвор аст, зеро дар роҳҳо мошинҳо зиёданд ва аксар вақт қоидаҳои ҳаракат дар роҳ амалан риоя намешаванд. Хушбахтона, дар 5 соли корам ба ҳайси устоди ронандагӣ ва 13 соли таҷрибаи ронандагӣ ягон ҳодисаи нохуше надоштам ва дар оянда низ аз чунин ҳодиса Худо нигоҳ дорад",- мегӯяд Шукрия.

Қаҳрамони мо аз хурдӣ хоҳиши рондани мошинро дошт. Соли 2010 курси ронандагиро хатм карда, соҳиби шаҳодатномаи ронандагӣ шуд. Баъдан бо сабаби вазъи зиндагӣ барои кор ба Русия рафт.

"Вақте ки ба Ватан баргаштам, хоҳиши дуюмам гирифтани категорияи «Д» ва ронандаи микроавтобус ё автобус шудан буд",- мегӯяд ӯ.

Имрӯз вай дорои тамоми категорияҳои ронандагӣ - А, В, В, Д, Е буда, ба ҳайси мутахассиси пешбар дар мактаби ронандагии ҶДММ «Автосантал Суғд» кор мекунад ва ба теъдоди зиёди бонувон аз шаҳру навоҳии вилояти Суғд, ки хоҳиши ронандагиро доранд, таълим медиҳад. Ин зани муваффақ писари ягона дорад, ки 7-сола аст ва аз зиндагӣ шукргузор аст.

**Ф. ШАМСИЕВА**

# АЗ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАК ТО РУШДИ САЙЁҲӢ

## Гузориш аз Форуми тиҷоратии Тоҷикистону Эрон



**15-уми январ дар шаҳри Душанбе Форуми тиҷоратии Тоҷикистону Эрон баргузор шуд. Ин форум дар ҳошияи сафари Президенти Эрон Масъуд Пизишкиён ба Тоҷикистон сурат гирифт.**

Форум намояндагони тиҷоратии Эрону Тоҷикистонро дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла фармасевтика, текстил, логистика, саноати хӯрокворӣ, металлургия, мурғпарварӣ, асалпарварӣ, истеҳсоли нафт, мебелсозӣ, сохтмон, истеҳсоли пластик ва консервабарорӣ, бонкдорӣ, моҳипарварӣ, қисмҳои мошин, маҳсулоти кимиёвӣ ва таҷҳизоти тиббӣ ба ҳам овард.

Чорабинии мазкурро раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон Султон Раҳимзода ва

вазири мероси фарҳангӣ, гардишгарӣ ва саноеи дастии Эрон доктор Солеҳи Амирӣ ифтитоҳ бахшиданд. Онҳо оид ба раванди ҳамкории судманд байни ду кишвар изҳорӣ назар намуда, умед ба ҳамкориҳои боз ҳам зичтар карданд.

Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Султон Раҳимзода гуфт, ки Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз давлатҳои амнтарин дар самти сармоягузорӣ мебошад. Инчунин, иқтисоди Тоҷикистон давоми солҳои охир тамоюли рушд касб намуд. Суръати рушди вокеии Маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат беш аз 8 фоизро ташкил медиҳад. Таъкид гардид, ки Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги иқтисодию тиҷоратӣ, хусусан сарватҳои табиию зеризаминӣ - обу энергетика, маъданҳои кӯҳӣ, сайёҳӣ ва саноатию кишоварзӣ мебошад. Дар Тоҷикистон барои соҳибкорону сармоягузорон имконияти мусоид ва имтиёзу сабукиҳо фароҳам оварда шудаанд, ки ба ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат менамоянд.

Вазири мероси фарҳангӣ, гардишгарӣ ва саноеи дастӣ доктор Солеҳи Амирӣ ва дигар роҳбарони масъули ниҳодҳои марбутаи Тоҷикистон ва Эрон доир ба тақвияти ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ, ҷалби сармояи Эрон ба иқтисодиёти Тоҷикистон, роҳҳои тақвияти ҳамкорӣ дар бахши соҳибкорӣ, таъсиси корхонаҳои муштараки саноатӣ, тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ибрози назар намуданд.

Дар ҳошияи форум чанд санади ҳамкорӣ дар бахшҳои муҳим байни соҳибкорон, намояндагони мақомоти расмии Тоҷикистону Эрон ба имзо расид.

Ёдовар мешавем, ки бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон, мубодилаи мол байни Тоҷикистон ва Эрон давоми моҳҳои январ-ноябри соли сипаришуда 336,8 миллион долларро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 120,1 миллион доллар ё 55 дарсад афзудааст. Дар ин давра ҳаҷми содирот ба 104,1 миллион доллар ва воридот ба 232,1 миллион доллар баробар гардид. Аммо ҷонибҳо мақсад доранд, ки ин рақамро то ба 1 миллиард доллар расонанд. Зеро Тоҷикистон ва Эрон барои рушди муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии худ захираю имконияти зиёд доранд. Дар ҳолати истифодаи бештари имконот метавон робитаи ду давлатро минбаъд наздиктару фароҳтар гардонд.

**Дило ДОРОБШОЕВА**







## *Ҳамчунин:*

### МАҲФИЛИ ШЕЪРУ АДАБ

15-уми январ дар ҳошияи сафари Масъуд Пизишкиён, раисҷумҳури Эрон ба Тоҷикистон маҳфили шеъру адаби Тоҷикистону Эрон баргузор гардид.

Ҳамоиш дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор шуда, як гурӯҳ шоирону аҳли адаби Тоҷикистону Эронро ба ҳам овард.

Дар ин маҳфил намояндаҳои ду ҷониб баромад карда, таҳкими равобити фарҳангу адабиёти ду кишварро муҳим арзёбӣ намуданд.

### БОЗКУШОИИ ПАЖӮҲИШГОҲ

Дар Душанбе дар ҳошияи сафари Масъуд Пизишкиён Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикиро бозкушоӣ карданд.

Ин пажӯҳишгоҳ дар Тоҷикистон фаъолиятро аз соли 1995 оғоз карда, аммо давоми 6 соли охир баста буд. Пажӯҳишгоҳ бо иштироки Солеҳи Амирӣ, вазири мероси фарҳангӣ, гардишгарӣ ва саноеъи дастии Эрон ва Матлубахон Сатториён, вазири фарҳанги Тоҷикистон бозкушоӣ шуд.

### ФОРУМИ ОЛИМОН

15-16-уми январи соли равон дар шаҳри Душанбе Форуми олимон ва пажӯҳишгарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор мешавад. Дар ин хусус аз Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон хабар доданд.

Дар ҳошияи форум иштирокчиён бо якчанд муассисаи илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон шинос мешаванд.




**ҲАФТАНОМАИ "ТОҶИКИСТОН" БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ БА НОМИ МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА ДАР СОЛИ 2025 ОЗМУНИ "ТОҶИКОНИ САРБАЛАНД"-РО ЭЪЛОН МЕКУНАД!**

**Ҳадафи озмун:** Расонаҳои ҷаҳонӣ солҳои охир бештар дар бораи амалҳои манфии тоҷикон, аз ҷумла ҷинояту терроризм хабар медиҳанд, ки ин ба обрӯ ва симои миллат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки мо набояд чеҳраҳои муваффақи тоҷиконро, ки имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолиятҳои назаррас доранд, фаромӯш кунем.

Озмуни **"Тоҷикони сарбаланд"** ҳадаф дорад, ки тоҷикони муваффақро дар соҳаҳои гуногун - илм, фарҳанг, варзиш, сиёсат, соҳибкорӣ ва дигар бахшҳо муаррифӣ намуда, барои ҷавонон намунаҳои ибрат нишон диҳад.

Озмуни **"Тоҷикони сарбаланд"** аз 1-уми январи соли 2025 оғоз шуда, то 25-уми декабри соли 2025 идома меёбад.

**Шарти иштирок:**

- Маводҳо бояд дар бораи тоҷиконе бошад, ки дар хориҷи кишвар муваффақ шудаанд.
- Маводҳо бояд ҳаёти шахсони номбурда, роҳҳои муваффақият ва саҳми онҳоро дар соҳаи фаъолияти худ ба таври фарогир инъикос намоянд.
- Ҳар як иштирокчӣ метавонад аз як то се мавод пешниҳод кунад.
- Маводҳо дар қолаби мақола, мусоҳиба, очерк ва лавҳа қабул карда мешаванд.
- Омодасозии як маҷмӯа аз маводҳои беҳтарин дар шакли китоб ва видео.

Ғолиби озмун бо мукофоти пулӣ ва **Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода** қадрдонӣ мешавад.

**МАТОЛИБИ ОЗМУН ДАР ШАКЛИ КИТОБ НАШР ХОҲАНД ШУД.**

# АЗ ДУБНА

## ё корномаи илмии профессор

**Овони ҷавонии хешро бидуни ба ёд овардани давраи донишҷӯӣ дар факултети физикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ) тасаввур карда наметавонам. Беҳуда нест, ки оқилон даврaи донишҷӯйиро даврaи тиллоии ҷавонӣ меноманд.**



### ЁДИ ДАВРОНИ ДОНИШҶӮӢ

Соли 1975 мо як гурӯҳ ҷавонони мактаби миёнаи дар минтақаҳои гуногуни кишвар хатмкарда баъди бо муваффақият супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ, бо қарори ректори донишгоҳ зиёда аз 90 нафар, донишҷӯёни курси якуми факултети физика шудем. Он солҳо донишҷӯён бо хобгоҳ ва стипендия таъмин карда мешуданд.

Дар як муддати кӯтоҳ мо ҳамкурсон зуд бо ҳамдигар шинос шуда, унс гирифтем. Аз ҳамон давра то ба имрӯз бо аксарияти онҳо муносибати дӯстиву бародарӣ дорем. Исботи он воҳӯриҳои мунтазами мо бо ҳамкурсони фаъол дар пойтахти Ватанамон, рафтуомади мо ба ҷорабиниҳои хонаводагии ҳамдигар мебошад.

Дар байни ҳамкурсон Холмирзо Холмуродов бо меҳнаткаринию лаёқати худододаи хеш фарқ мекард, вақтҳои берун аз машғулиятҳоро ба хондани китобҳои илмӣ гузаронида, дар омӯзиши фанҳои дақиқ дар байни ҳамсабақон пешсафӣ дошт. Ҳарчанд дар байни ҳамсабақон аълохонҳои дигар, ба монанди дар оянда профессорон М. Нуруллоев (ёдашон ба хайр), С. Абдуллоев, И. Норматов ва дигарон буданд, аммо кӯшишу ғайрати Холмирзо дар аз худ намудани нозукиҳои физикаи назариявӣ хеле зиёд буд. Ҳарчанд дар байни ҳамсолону ҳамкурсон дар донишандӯзӣ дастболо буд, вале хоксориву фурӯтанӣ зоҳир намуда, ба ҳамкурсони худ кумаки хешро дареғ намедошт.

Холо дӯсти азизи мо Холмирзо Холмуродов яке аз олимони машҳури риёзидони (физика) Федератсия Россия ва Тоҷикистони азизамон мебошад ва соҳиби дараҷа ва унвонҳои баланди илмӣ ва давлатӣ аст.

### АЙЁМИ НАВРАСӢ ВА МАКТАБХОНӢ

Холмирзо Холмуродов 24-уми июли соли 1959 дар ҷамоати Заргари ноҳияи Коммунистӣ (ҳоло Кӯшониён), вилояти Хатлон таваллуд шуда, дар ҳамин ҷо ба камол расидааст. Вай дар хурдсолӣ аз модар ятим монад ва бо ғамхории доимии падар бо бародару хоҳаронаш ба воя мерасад.

Падарашон Тағойкул корманди милиса буд, вале ба душвории хизмати милиса нигоҳ накарда, падар доимо нисбати тарбияи фарзандонаш аҳамияти ҷиддӣ медод, аз рафти хонданашон доимо бохабар буд. Самараи ҳамин заҳматҳои бузурги падар буд, ки фарзандон яке духтур, дигаре ҳуқуқшинос, сеюмӣ муҳандис ва дӯсти мо олими бузурги риёзиёт шуданд.

Баъди бо баҳои аъло хатм кардани мактаби миёна Холмирзо соли 1975 ба факултети физика дохил шуда, онро соли 1981 бо дипломи сурх тамом намуд. Соли 1977 бо сабаби ба садамаи наклиётӣ дучор шудан, ба муддати як сол ба рухсатии академикӣ рафта буд.

### ДАВРАИ ФАЪОЛИЯТ ВА ҲИМОЯИ РИСОЛАҲОИ ИЛМӢ

Холмирзо Холмуродов соли 1981 барои таҷрибаомӯзӣ ба Донишгоҳи давлатии шаҳри Дубнаи ФР равон карда шуда буд. Баъди он ба ватан баргашт ва дар Донишгоҳи политехникии Тоҷикистон аз соли 1981 то соли 1985 аввал ба ҳайси ассистент ва баъд муаллими физика ба донишҷӯён дарс додааст. Соли 1985 бо пешниҳоди Донишгоҳи политехникӣ ба аспирантураи Донишгоҳи таҳқиқотии физикаи ядроии ш. Дубнаи ФР дохил мешавад.

Дар давоми се соли таҳсилу унвонҷӯиаш барои иҷро ва амалисозии рисолаи илмии номзадиаш дар мавзӯи "Моделсозии математикии динамикаи солитон дар моделҳои ғайриидеалии гази Bose" меҳнатҳои зиёдеро кард ва зери роҳбарии профессор В. Г. Маханков соли 1988 онро сарбаландона дифоъ намуда, унвони илмии номзади илмҳои физикаю математикаро сазовор гашт. Рисолаи номзадии Холмуродов Х. зуд мавриди таваҷҷуҳи олимони физикаи ядроии ватанӣ ва хориҷӣ гардид.

Пас аз хатми аспирантура ва ҳимояи рисолаи номзадӣ Холмирзо ба ватан баргашт ва дар Донишгоҳи политехникии Тоҷикистон аввал ба ҳайси ходими илмӣ дар бахши ОНИЛ "ВиК" ва баъдан дар ОНИЛ "АиВТ" то соли 1989 фаъолияти арзанда дошт. Аз соли 1989 то моҳи апрели соли 1993 ҳамчун ходими калони илмӣ, устоди калони кафедраи физикаи ДТТ ба шогирдон сабақ дод.

Яке аз хусусиятҳои ин олими сермаҳсули соҳаи физика ва математика дар он аст, ки вай худро дар таҳқиқи амалии масъалаҳои ҳалталаби озмоишӣ берун аз амал тасаввур карда наметавонад. Вай доимо дар семинар-машваратҳои илмӣ-амалии физика иштирок намуда, оид ба кашфиёту навовариҳо дар илми муосир баромадҳо карда, ба олимони ҷавон роҳнамоӣ мекунад.

Лаёқату дониш ва қобилияти илмии Холмирзо Холмуродовро ба назар гирифта, ӯро баъд аз 8 соли фаъолияти омӯзгорию муҳаққиқӣ дар ДТТ ба номи академик М. Осимӣ ба докторантураи шаҳри Дубнаи ФР фиристоданд. Дӯсти мо дар Донишгоҳи муттаҳиди илмӣ-таҳқиқотии ҳастаӣ (ОИЯИ ш. Дубна) ба пажӯҳиш машғул шуда, дар синни 37-солагӣ ри-

# ТО ҶОПОН

Холмирзо Холмуродов

солаи докториашро дар мавзӯи "Моделсозии математикии эффектҳои ғайрихаттӣ дар материяи конденсатшуда" дар назди олимони намоёни ФР ва ҷаҳон сарбаландона ҳимоя кард. Ин рисолаи докторӣ дӯсти моро шиноси олимони барҷастаи кишварҳои гуногуни ҷаҳон дар соҳаи физикаи ҳастаӣ намуд.

### ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ ДАР ХОРИҶА

Қобилияту дониш ва мақолаҳои илмии Холмирзоро ба назар гирифта, вайро ба муддати 7 сол дар асоси шартнома ба кишвари Ҷопон ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ даъват мекунанд. Вай дар шаҳри Токио, дар РИКЕН (Донишгоҳи таҳқиқотии физика ва химия), ки яке аз бонуфузтарин марказҳои илмии Ҷопон аст, дар муддати кӯтоҳ исбот намуд, ки олими арзанда аст ва соҳиби эхтиром гардид.

Фаъолияти илмии Холмуродов Х. ва шогирдони зиёди вай дар соҳаи тадқиқоти компютерӣ-моделсозии молекулавӣ-динамикӣ дар илмҳои физика, химия ва алалхусус нанобиотехнологияи муосир (кашфиёти мавод, ашё ё маводҳои нодир ва дизайни доруворихои навин) ба кулли олимони соҳаи ҷаҳон маълуму машҳур гаштанд.

Дар Ҷопон Холмуродов Х. бо якчанд донишгоҳҳои машҳури ин кишвар, аз ҷумла Донишгоҳи Кейони шаҳри Йокогама, Васелаи шаҳри Токио, Нагояи шаҳри Нагоя, Киотои шаҳри Киото ва дигар марказҳои илмӣ ҳамкории зичи илмӣ барқарор намуда, то кунун ҳамчун профессори хориҷии донишгоҳҳои машҳури Ҷопон ба ҳисоб меравад. Мунтазам ба Ҷопон даъват мешавад, бо лексия ва дастовардҳои навини илмӣ дар назди олимону донишҷӯён бо забони ҷопонӣ баромадҳо мекунад.

**Холмуродов Х.** инчунин бо чанде аз донишгоҳҳои бузурги Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Британиёи Кабир, Ҳиндустон ва Русия ҳамкории зичи илмӣ барқарор кардааст. Бо даъвати онҳо ба ин кишварҳо рафта, бо забони англисӣ лексияҳо хонда, суханрониҳо намудааст. Аз ин давлатҳо шогирдони зиёдеро роҳнамоӣ кардааст, ки онҳо бомуваффақият рисолаҳои номзадию докторӣ дифоъ кардаанд.

Номбурда аз моҳи декабри соли 2003 то соли 2014 сардори бахши ЛРБ ЧИПР, аз соли 2008 то имрӯз профессори кафедраи биофизикаи Донишгоҳи байналмилалии табиат, ҷомеа ва инсони "Дубна" мебошад. Аз моҳи июли соли 2014 то ба имрӯз профессори пешбари бахши оптикаи нейтронии NEO NIKS ONIR KS FLNP JINR мебошад.

Дар баробари ин ҳама Холмуродов Х. ба аспирантҳо ва донишҷӯён дар бахши "Тарроҳии компютерӣ-моделсозии молекулавӣ" лексияҳо мехонад, ба кори аспирантҳо роҳбарӣ менамояд. Аз ҷумла, ҳоло вай роҳбари илмии аспирантҳо Х. Элхан аз Ҳиндустон, И. Байгунов аз ФР ва Р. Раҳмонов аз Тоҷикистон аст. Дар умум тахти роҳбарии ӯ 10 нафар рисолаи номзадӣ ва 3 нафар рисоли докторӣ дифоъ кардаанд.

**ПРОФЕСООР ХОЛМУРОДОВ БО ДОНИШГОҲҲОИ БУЗУРГИ ИМА, БРИТОНИЯ, ҲИНДУСТОН, ҶОПОН ВА РУСИЯ ҲАМКОРИИ ИЛМӢ БАРҚАРОР НАМУДА, АЗ ИН ДАВЛАТҲО ШОГИРДОНИ ЗИЁДЕРО РОҲНАМОӢ КАРДААСТ. БО ВУҶУДИ ИН, Ӯ ТАРБИЯИ ШОГИРДОНИ ТОҶИКРО ҚАРЗИ ХЕШ МЕДОНАД...**

Бо дархости роҳбарияти Вазорати маорифи ФР 10 соли охир ба донишҷӯёни факултети физикаи Донишгоҳи давлатии Москва аз физикаи ҳастаӣ дарс додааст, дар назди олимони ҷавони соҳа оид ба физикаи муосир ва мавзуҳои технологияи навин ва назарияву пешниҳодҳои нав баромадҳои муфид мекунад.

Маҳсули меҳнатҳои шабонарӯзии профессор Холмирзо Тагайкулович 8 монография, зиёда аз 300 мақолаҳои илмӣ дар соҳаҳои математика, химия ва физикаи муосир ва пешгӯиҳои илмӣ дар соҳаи физикаи ядроӣ мебошанд.

Профессор **Х. Холмуродов тарбияи олимони ҷавони тоҷикро қарзи инсонии худ медонад,** аз муваффақияти онҳо дар соҳаи илм шод мешавад, худаш, ки номбардору байрақбардори миллати тоҷик аст, орзу дорад, ки шогирдонаш дар ин раванд аз вай пеш гузаранд.

Масъалаҳои зиёде, ки профессор Холмуродов Х. Т. баррасӣ кардааст, ба сохторҳои моделсозии математикии динамикаи солитон дар моделҳои ғайриидеалии гази BoSe робита доранд. Вай солҳои охир бо назардошти таҷрибаи илмии бесобиқаaш ба омӯзиши моделсозии математикии эффектҳои ғайрихаттӣ дар материяи конденсатшуда оғоз намуд.

Дар ин самт вай тавонист ҳолатҳои сатҳи моделсозии молекулавиро хуб таҳрир намояд. Ин кашфиёти профессор Холмуродов Х. Т. ба кашфиёти замонавии илмию амалии пешрави муосир ба соҳаи таҳқиқотии компютерӣ-моделсозии молекулавӣ-динамикӣ дар илмҳои физикаю химия, хусусан нанобиотехнологияи муосир замина гузошт.

### ВОХӮРИҲО БО ҲАМКУРСОН

Соле пештар 50-солагии ташкилёбии факултети физикаи ДМТ-ро бо тантана бо иштироки роҳбарияти донишгоҳ ва Вазорати маориф ва илми ҶТ қайд карда буданд. Дар байни даъватшудагон аксарияти онҳо ҳамкурсони мо - хатмкардагони соли 1980 буданд, чунки дар ҳақиқат аз байни ҳамкурсони мо 5 доктори илм, 28 номзади илмҳои физикаю математика, химия баромадаанд, 2 нафар академик ва 1 нафар аъзо - корреспонденти АИ ҶТ, 1 нафар аъзои АИ ФР, 1 нафар хизматчии ҳарбӣ бо рутбаи генерал-майор, 1 нафар дипломат, сафири ҶТ дар яке аз давлатҳои хориҷа, 1 нафар ҳофизи хизматнишондодаи ҶТ ва дигар ҳамкурсон низ муаллиму муҳандис ва дар дигар соҳаҳо барои кишвари азизи худ хизмати содиқона мекунанд.

Бо сабаби ҳимояи рисолаи илмии номзадии яке аз шогирдонаш Холмирзо Холмуродов ба ш. Душанбе омада буд. Бо ҳамин баҳона, раиси маҳфили ҳамкурсонамон Абдуфаттоҳ Юсуфов мо дӯстонро фавран ба тарабхона барои вохӯрӣ ва табрикоти Холмирзо Холмуродов даъват намуданд.

Дӯсти номбардори мо Холмирзо ба синни 65 қадам монда буд, мо ӯро ба оғӯш кашида, табрик намудем. Дар ҷодаи илм муваффақиятҳои нав, дар ҳаёти оянадааш саломатии бардавом, дар хонадонаш меҳру муҳаббат, дар Ватани азизамон бошад, Вахдатро то абад орзу намудем. Шабнишинии хотирмон бо ба ёд овардани лаҳзаҳои ҷавонӣ, умеду орзуҳо гузашт. Меарзад, ки донишҷӯёну олимони ҷавони кишвар аз ҳамин гуна олимони номбардори миллат дарси ибрат бигиранд.

**Раҷабалӣ МАҲМАДАЛИЕВ, генерал-майор, собиқ муовини Фармондеҳи ҚС КДАМ ҶТ оид ба разведка**



# АСОИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ ДАР ЯЗГУЛОМ

Моҳи ноябри соли гузашта ходимони шуъбаи таърихи Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. И. Искандарови АМИТ барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ-майдонӣ ба водии дурдасти Язгуломи ноҳияи Ванҷи ВМКБ сафари корӣ доштанд.

Дар ин зимн бо сокинони куҳансоли он ҳамсуҳбат шуда, маълумотҳои шифоҳӣ оид ба таърих ва расму оини ин мардуми куҳанбунёд ҷамъоварӣ намуданд.



Ҳангоми суҳбат бо сокини деҳаи Будуни Язгулом **Азораев Ҳофиз Раҳимович** маълум гашт, ки дар хонааш то ҳозир асои академик Бобоҷон Ғафуровро ҳамчун ёдгорӣ ҳифз намудааст.

Ҳофиз Раҳимович таърихи овардани ин асоро чунин ёдовар шуд: «Ман то синфи ҳаштум дар мактаби деҳаи Будуни ҷамоати Язгулом мехондам...

Рӯзе падарам гуфт, ки ман туро барои хондан ба як ҷои обод, ба Душанбе - пойтахти Тоҷикистон мебарам ва таъкид кард, ки барои дидани як домулло мо бояд 10 рӯз пештар сафар кунем.

Мо ба Душанбе рафтем. Шаб дар хонаи як хешамон истодему саҳарӣ падарам гуфт, ки ман барои дидани домулло меравам. Ман он вақт аз кӯҷо медонистам, ки он домулло кист ва хоҳиш кардам, ки ман ҳам ҳамроҳатон равам, шаҳрро тамошо кунам.

Падарам розӣ шуд ва ҳар дуямон баромадему ба боғи Ленини шаҳри Душанбе рафтем. Падарам гуфт, ки дар ҳамин боғ як сайругашт кунеду ман домуллоро бинам. Ман ба гапи падарам розӣ нашудам ва хоҳиш кардам, ки ман ҳам ҳамроҳатон рафта ҳамон домуллоро бинам, ки вай кӣ аст.

Ҳар дуямон рафтем. Дар хонаи домулло як хонум барои мо дастархони тоҷикона ороста, ош овард. Ман надонистам, ки он хонум кӣ буд.

Суҳбати падарам бо домулло, ки марди босалобат буд, тафсид. Баъдтар фаҳмидам, ки ин нафар академик Бобоҷон Ғафуров аст.

Б. Ғафуров гуфт, ки шумо мардуми Язгулом ва Яғноб нигину гаҳвораи миллати тоҷик ҳастед.

Ман солҳои 1953 шуморо ба ин водиҳои дашту ҳамвор ба муҳоҷират овардам. Замоне буд, ки мо тоҷиконро маҷбур сохтанд, ки аз ин дашту ҳамвориҳо ба кӯҳистон паноҳ барем. Акнун боз бояд ба ин ҳамвориҳо омада, онро аз нав обод кунем.

Вале шумо гапи маро нагирифта, баъди як сол боз ба ватанатон ба кӯҳистон кӯчидед. Барои ин кор шуда, маро Г. М. Маленков дар маҷлиси партиявӣ кариб буд танбеҳ диҳад. Ман то ҳол ҳам ризо нестам, ки шумо боз ба кӯҳистон рафтед. Ҳоло ҳам дер нашудааст, биёед ба ҳамвориҳо ва дар ин ҷо зиндагиятонро давом диҳед. Падарам ҳарфҳои эшонро тасдиқ мекард.

Вақти рафтан падарам гуфт, ки барои ёдоварӣ аз хонаи шумо ягон чизеро мегирам.

Соҳибхона гуфт, ки марҳамат, чизеро, ки мехоҳед, гиред. Дар кунҷи хона ду таёқ меистод. Падарам яке аз онҳоро гирифта гуфт, ки ман барои ёдоварӣ ана ҳамин таёқро мегирам, вале ҳозир не, баъди он ки писарчаамро ба хондан мебарам. Вақти баргаштан омада таёқро гирифта мебарам...

Аз миён 5 рӯз гузашт. Рӯзи 12-уми июли соли 1977 ногаҳон хабари марги Бобоҷон Ғафуровро шунидем. Баъд аз он ки маросими дафни эшонро бо дабдаба гузарониданд, падарам боз ба хонаи ӯ рафта, асояшро гирифта овард ва моро васият кард, ки ин асо бояд аз насл ба насл дар хонаи мо ҳамчун ёдгорӣ боқӣ бимонад. Ин асо то кунун дар хонаам маҳфуз аст».

**Мусоҳиб: А. ШОИНБЕКОВ**

# ҶОМӢ КАШШОФИ ЭКО



**Дар соли 1978 олим - эмбриологи англис Роберт Эдвартс ихтирои ҷаҳоншумул ба амал овард. Ӯ ҷанинро дар пробирка парвариш намуд ва аз он кӯдак ба вуҷуд омад. Ин амалиёт имрӯз дар ҷаҳон чун амалиёти ЭКО маъмул аст.**

Ба кӯдак Луиза Браун ном гузоштанд. Ҳоло Луиза Браун худаш модар аст ва кӯдакҳои худро дорад. Роберт Эдвартс барои ихтирояш дар соли 2010 соҳиби мукофоти Нобелӣ гашт.

Вале кам касон медонанд, ки ғояи бордоркунии сунъиро бори аввал шоир ва мутафаккири тоҷик Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) пешгӯйӣ карда буд. Ин ғояи Ҷомӣ баъд аз 500 сол амалӣ гашт. Барои ин ғояаш ӯ ҳам метавонист соҳиби мукофоти Нобелӣ шавад.

Абдураҳмони Ҷомӣ ин ғояро дар достони “Саламон ва Абсол” тасвир кардааст:

*Чун ба тадбири*
*ҳокими номдор,*
*Ёфт гетӣ бар шаҳи*
*Юнон қарор.*
*Шаҳ шабе аз ҳоли хеш*
*андеша кард,*
*Шеваи неъматшиносӣ*
*пеша кард.*
*Хилъати иқбол бар*
*худ ҷуст, ёфт,*
*Ҳар чӣ аз асбоби давлат*
*ҷуст, ёфт.*
*Ғайри фарзанде,*
*ки аз иззу шараф,*
*Аз паси рафтан бувад,*
*ӯро халаф.*
*Дар замири шаҳ чу ин*
*андеша хост,*
*Гуфт бо донои*
*ҳикматпеша рост.*

Донишманд бе иштироки зан ба вуҷуд овардани кӯдак ва барои вай гирифтани дояро пеша мекунад.

*Сохт тадбире ба*
*دониш ки андар он,*
*Монд ҳайрон фикрати*
*донишварон.*
*Нутфаро бе шаҳват*
*аз сулбаш кушод,*
*Дар маҳалле ҷуз раҳим*
*ором дод.*
*Баъди нӯҳ маҳ гашт*
*пайдо з-он маҳал,*
*Кӯдаки беайбу тифли*
*бехалал.*
*Ғунчае аз гулбуни*
*шоҳӣ дамид,*
*Нафҳае аз мулки*
*огоҳӣ вазид.*
*Тоҷ шуд аз гавҳари*
*ӯ сарбаланд,*
*Тахт гашт аз бахти*
*ӯ фирӯзманд.*
*Саҳни гетӣ бе ваю,*
*чашми фалак*
*Буд он бемардум,*
*ин бемардумак.*
*З-ӯ ба мардум саҳни*
*он маъмур шуд,*
*Чашми ин аз мардумак*
*пурнур шуд.*
*Чун зи ҳар айбаш*
*саломат ёфтанд,*
*Аз саломат номи ӯ*
*бишкофтанд.*
*Солим аз офат тану*
*андоми ӯ,*
*З-осмон омад Саломон*
*номи ӯ.*
*Чун набуд аз шири*
*модар баҳраманд,*
*Дояе карданд баҳри*
*ӯ писанд.*
*Дилбаре дар некӯӣ*
*моҳи тамом,*
*Соли ӯ аз бист кам*
*Абсол ном.*

**Собир БЕКМУРОДОВ**



**МАЪЛУМОТНОМА**

Шералӣ Яҳёев 10-уми январи соли 1949 ба дунё омадааст. Солҳои 1993-2004 масъулияти сардабири рӯзномаи "Хатлон"-ро ба ӯҳда дошт. Ҳамзамон аз соли 1993 то соли 2006 раиси созмони ИЖТ дар вилояти Хатлон буд. Як муддат дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон” низ фаъолият дошт.

Шералӣ Яҳёев:

# КОРИ ЖУРНАЛИСТ ҲЕҶ ГОҲ ОСОН НАБУД!



**Собиқадори матбуот Шералӣ Яҳёев, ки чанд рӯз қабл зодрӯзи 76-умини хешро таҷлил кард, моро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифт. “Меҳмон нохонда намешавад, махсусан шумо, ки аз ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ба аёдати ман омадед. Як давраи беҳтарини умри ман бо ин нашрия пайванд аст”,- гуфт мизбон.**

**- Чӣ омил сабаб шуд, ки риштаи журналистикаро интихоб кардед?**

- Аз аввал мехостам журналист шавам, вале падарам талқин карданд, ки пешаи агрономиро интихоб кунам. Чун фарзанди ягона будам, волидон намехостанд, ки аз онҳо дур шавам. Аз ҳамин сабаб ба идораи суди Кӯлоб ба кор даромада, ба мактаби олӣ нарафтам. Аммо нафароне пайдо шуданд, ки диплом надоштанамро ҳар лаҳза эрод мегирифтанд. Бинобар ин, ҳуҷҷатҳоямро гирифта ба факултаи ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин рафтам. Вақте дар навбати ҳуҷҷатсупорӣ будам, як нафар гуфт: "Барои чӣ мехоҳӣ ҳуқуқшинос шавӣ? Ду рӯз пас кумитаҳои ҳизбӣ аз байн мераванд ва дигар ин касб дар ягон ҷо ба кор намеравад. Беҳтараш ба факултаи навтаъсиси журналистика дохил шав. Он ҷо ҳам ҳуқуқшинос мешавӣ, ҳам муаллим ва ҳам агроном...”. Ҳамин тавр, сарнавишти ман ба журналистика пайваст ва ифтихор мекунам, ки тамоми умр аз пушти қалам нон мехӯрам.

*ШЕРАЛИ ЯҲЁЕВ*

*Барои хизматҳояш бо ордени «Дӯстӣ» (соли 2000), нишонҳои Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994), Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1998), Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ (соли 1994) ва ифтихорномаву сипосномаҳо сарфароз гардидааст. Муаллифи 18 маҷмӯаи очерку мақолаҳои публитсистӣ ва ҳикояву латифаҳо мебошад.*

**- Шумо солиёни зиёд дар вазифаҳои роҳбарӣ кор кардед. Ин ба фаъолияти эҷодиатон чӣ таъсир гузошт?**

- Дар тӯли фаъолияти кории худ дар вазифаҳои гуногун кор кардам, ки ҳар яке барои ман як мактаби таҷриба ва омӯзиш буд. Дар Кумитаи ҳизбӣ кор кардам, ки онҷо маҳорати ташкилотчигӣ ва раҳбариро омӯхтам. Баъдан, ҳамчун раиси Иттифоқи журналистони вилояти Хатлон фаъолият доштам, ки дар ин вазифа ман бо эҷодкорон ва журналистон зиёд сарукор доштам ва ин ба рушди тафаккури касбӣ ва эҷодии ман мусоидат кард. Ҳамчунин, муддате мудири шуъбаи назоративу ёвари шаҳрдори Душанбе фаъолият кардам, ки ин вазифа масъулияти бузург дошт ва ман талош мекардам, ки ҳамеша одилона ва бо масъулият амал намоям. Ҳашт сол бо Маҳмадсаид Убайдуллоев кор кардам. Ҳар вазифае, ки доштам, барои ман сабақи бузурге буд. Вале дар ҳар вазифае, ки кор кардам, кори журналистӣ барои банда дар аввал меистод.

**- Оё журналист буданатон дар иҷрои вазифаҳои роҳбарӣ кумак мекард?**

- Бале. Кор танҳо як баҳона аст. Муҳим дониш ва ақл мебошад. Ман намегӯям, ки ба дараҷаи олӣ босавод будам, ин таъриф мешавад. Вале метавонам гӯям, ки бесаводии бархеҳо ба ман кумак расонд, то дар ҳама ҷо мавқеи худро ёбам ва ҳифз намоям.

**- Дар солҳои фаъолияти шумо журналистикаи тоҷик бо чӣ мушкилот рӯ ба рӯ буд?**

- Пештар талабот ба маталиби таҳлилӣ ҷиддӣ буд. Рӯзноманигорон бо масъулияти баланд кор мекарданд. Кори журналистӣ дар муқоиса ба имрӯз хеле душвор буд. Чун техникаву технология рушд накарда буданд. Имрӯз ҳама васоили техникӣ дастрас аст, вале дастрасӣ ба иттилоот душвор аст. Ҳамчунин, омилҳои дигаре пайдо шудаанд, ки кори рӯзноманигорро душвор мекунанд... Дар умум, фаъолияти журналистӣ ҳеҷ гоҳ осон набуд.

**- Ба фикри шумо, рӯзноманигори муосир бояд кадом хислатҳоро дошта бошад?**

- Рӯзноманигор бояд донишманд, ҷасур, ҳақиқатҷӯ ва одил бошад.

**- Барои журналистони ҷавон ва дӯстдорони ин касб чӣ маслиҳат медиҳед?**

- Ҳамеша кӯшиш кунед, ки ростқавл бошед. Донишу маҳорати касбиатонро баланд бардоред. Маҳз касбият сипари асосии журналист аст. Кӯшиш кунед, ки маталиби омӯзанда ва созанда эҷод кунед. Ба касби худ содиқ бошед ва ҳаргиз аз ҳақиқат дур нашавед.

**- Суоли охиринам бисёр сода аст: Аз зиндагии хеш розӣ ҳастед?**

- Ин суоли сода нест, балки бисёр душвор аст. Вале ман аз зиндагии хеш розӣ ҳастам. Хушбахтам, ки бо кори худ ба ҷомеа хидмат кардам. Орзу дорам, ки журналистикаи тоҷик рушд кунад ва насли ҷавон ин касбро бо тамоми масъулият идома диҳанд. Дар зиндагӣ ҳама хушиҳоро дидам. Шукри Худо, 12 фарзанд дорам, соҳиби наберäву аберахо низ ҳастам. Дар ин рӯзҳо даврони пирӣ меронаму аз рӯзгор лаззат мебарам.

**Мусоҳиб:**
**Сумани УБАЙДУЛЛО**

# ФОҲИШАХОНАИ ОИЛАВӢ




**Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе аз боздошти як оила хабар дод, ки манзили зистро ба фоҳишахона табдил додаанд.**

Гуфта мешавад, ки шаҳрвандон зану шавҳар Қараев Ибодулло ва Сумани Ғайратшо чор манзили истиқоматиро дар шаҳри Душанбе ба фоҳишахона табдил додаанд.

"Манзилҳо барои қонеъ кардани нафси шаҳвонӣ ба мардону занони бегона ба ичора дода мешудаанд" – хабар медиҳад манбаъ. Ҳамчунин гуфта мешавад, ки маблағи ичораи шабонарӯзӣ 500 сомониро ташкил дода, тавассути ҳамёни электронӣ пардохт мешудааст.

Тафтиши ин парванда идома дорад.

Ёдовар мешавем, ки ҳафтаи равон ВКД ҳамчунин сокини 21-солаи ноҳияи Рӯдакӣ Бурунова Мавлударо бо ҷурми табдил додани манзили истиқоматиаш ба фоҳишахона боздошт карда буд. Милитсияи пойтахт ба диққати шаҳрвандон мерасонад, ки чиҳати ошкорсозии чунин ҷиноятҳо фаъолияти ҳамаҷонибаро ба роҳ мемонад.

# 200 ҲАЗОР СОМОНӢ

## Мукофот барои ошкор кардани ҷиноят




**Як сокини шаҳри Бӯстон бо иттиҳоми фурӯши ғайриқонунии "хонаҳои бесоҳиб" дар шаҳри Истиқлол боздошт шудааст. Мақомот ӯро дар панҷ ҳолати тақаллубкорӣ ба маблағи беш аз 200 ҳазор сомонӣ муттаҳам мекунанд.**

Раёсати ВКД дар Суғд аз нафари боздоштшуда Б.А., сокини 32-солаи шаҳри Бӯстон ном бурда, гуфтааст, ӯ "худро соҳиби хонаи бесоҳиби шаҳри Истиқлол муаррифӣ карда, даст ба ҷинояти қаллобӣ задааст".

Гумонбар дар маҳаллаи якуми шаҳр хонаҳоеро, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда соҳибмулкони худро доштанд, аз они худ вонамуд карда, ба мардум фурӯхтааст.

**Мақомоти Тоҷикистон барои кумак дар ошкор кардани ду ҷинояти куштор дар шаҳри Ваҳдат 200 ҳазор сомонӣ мукофот ваъда карданд. Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД аз сокинони кишвар даъват кардааст, ки дар ошкор кардани ин ҳодисаҳо мусоидат намоянд.**




Ҳодисаи аввал 5-уми декабри соли 2024 рух дода, Олимов Тоҷиддин, сокини деҳаи Баҳористони шаҳри Ваҳдат ба қатл расидааст.

Ҳодисаи дуюм шаби 6-ум ба 7-уми декабр сабт шуда, дар он Ҳаётов Маҳмадалӣ, сокини деҳаи Бонғураи ҳамин шаҳр кушта шудааст.

Ҷузъиёти бештар дар бораи ин воқеаҳо то ҳол нашр нашудааст. Аммо мақомот гуфтаанд, ба шахсоне, ки маълумоти боэътимод пешниҳод мекунанд, мукофотпулӣ дода мешавад ва махфӣ нигоҳ доштани шахсияти онҳо кафолат дода мешавад.

Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД дар муроҷиати худ гуфтааст, мукофотпулӣ ба нафароне дода мешавад, ки барои муайян кардани ҳолатҳо ва боздошти гумонбарон маълумоти боэътимод пешниҳод мекунанд. Вале аз ҳеҷ гумонбаре дар ин муроҷиат ном бурда намешавад.

Мақомот барои тамос рақамҳои +992 918-63-33-50 тариқи телефону паёмрасони Ватсап ва почтаи электронии mvduur.tj@gmail.com-ро гузоштаанд.

# ФИРЕБИ МУҲОҶИРОН

**Кормандони милитсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳром Бегов, соли таваллудаш 2000, сокини шаҳри Душанберо, ки ба мардумфиребӣ машғул буд, дастгир карданд.**



Гуфта мешавад, Бегов худро дар гурӯҳҳои Телеграми муҳоҷирон ҳамчун ҳуҷҷатгузор ва ронандаи таксӣ муаррифӣ намуда, бо истифода аз боварии муҳоҷирон маблағҳои онҳоро тавассути ҳамёни электронӣ аз худ мекардааст.

То ҳол беш аз 20 ҳолати фиреби ӯ сабт гардидааст, ки дар маҷмуъ, зарари расонидашуда ба муҳоҷирон беш аз 500 ҳазор рубли русиро ташкил медиҳад.

Ҳоло таҳқиқот идома дорад.



**Мақомоти Тоҷикистон гумонбари ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба Украинаро, ки маҷбуран ҳуҷҷатҳоро гирифта, ба кормандон пул пардохт намекардааст, боздошт кардаанд.**

ВКД хабар медиҳад, ки сокини 36-солаи Конибодом чандин нафарро бо ваъдаи кор ба сифати фурӯшанда ва дигар ихтисосҳо ҷалб намуда, лекин ба онҳо музди меҳнаташонро пардохт накардааст, ки дар натиҷа ба онҳо зарари зиёди молиявӣ расидааст. Нисбати боздоштшуда мутобиқи моддаи 335, қ. 2, иловаи 2 Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон (Ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ) парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст.

# ШАНТАЖ ДАР ИНСТАГРАМ

## Боздошти марде, ки худро зан муаррифӣ мекард...

**Дар ноҳияи Спитамени вилояти Суғд як марди 44-сола дар шабакаи иҷтимоии "Инстаграм" худро ҳамчун зан муаррифӣ карда, аз як марди 28-солаи ин ноҳия бо таҳдид ё шантаж 10 ҳазор сомонӣ пул талаб кардааст.**



Мақомот дар барномаи "Ахбори Вазорати корҳои дохилӣ" хабар доданд, ки Баҳром Саъдуллоев, сокини ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо номи занона саҳифа кушода, баъди бо марди 28-сола шинос шудан, "аз вай талаб мекунад, ки барои исботи вафодорию дӯстдорияш аксҳои бараҳнаашро равон кунад".

Баъди ба даст овардани аксҳо ӯ бо роҳи шантаж аз ҳамсуҳбати худ 10 ҳазор сомонӣ маблағ талаб кардааст. Бино ба ин гузориш, Баҳром Саъдуллоев ҷабрдидаро таҳдид кардааст, ки агар пул надиҳад, аксҳои бараҳнаашро дар Интернет паҳн ва оилаашро вайрон мекунад.

Гуфта мешавад, охири моҳи ноябр ҷабрдида ба корти бонкии гумонбар 1700 сомонӣ гузаронидааст. Баъди муроҷиати ҷабрдида кормандони милитсияи ноҳияи Спитамен Баҳром Саъдуллоевро боздошт карданд. Нисбати ӯ барои тамаъҷӯӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст.

# ЗАХМИ МЕЪДА

## Чанд тавсия аз табиби мардумӣ



**Вақтҳои охир аз захми меъда ранҷ мекашам. Пайваста парҳез мекунам. Вале агар ногаҳон ягон ғизои бадҳазм истеъмол кунам, бемориам аз нав хуруҷ мекунад. Аз табиби мардумӣ Садриддиншоҳ Насриддиншоев меҳоҳам, ки усулҳои халқии табобати захми меъдаро бароям тавсия диҳанд.**

**ПАРВИЗ, ш. Душанбе**

**Посухи Садриддиншоҳ Насриддиншоев:**

- Дар муолиҷаи захми меъда ва рӯдаи 12-ангушта нақши аз ҳама муҳимро парҳез мебозад. Аз хӯрдани ғизоҳои сахт, бирёнӣ ва тезу тунд худдорӣ намуда, тавсияҳои моро иҷро кунед, албатта шифо меёбед. Инак, чанд даво барои дарди шумо!

**Аввал,** 50 грамм решаи гиёҳи ширинбӯяро дар 1 литр об муддати 10 дақиқа ҷӯшонида, сипас оташро хомӯш намоеду монед 6 соат истад. Пас аз 6 соат онро ба андозаи нимистаконӣ рӯзе 3 маротиба пеш аз хӯрок ё 1 соат пас аз истеъмоли таом нӯши ҷон намоед.

**Дуюм**, дар мавриди захми меъда ва рӯдаи 12-ангушта осонтарин роҳи табобат он аст, ки ҳар саҳар пеш аз ноҳорӣ як қошуқ асали тоза хӯрда, давоми 1 соат ягон чизи дигар нахӯранд. 40 рӯз ё ақаллан 1 моҳ ҳамин амалро ҳар субҳ иҷро кунед, пурра шифо меёбед.

**Сеюм,** рӯз дар миён 20 грамм барги тозаи газнаро дар ним литр об муддати 10 дақиқа ҷӯшонида, дар давоми 48 соат онро бинӯшед. Касоне, ки аз захми меъда азоб мекашанд, ҳамчунин бояд рӯзе 3 маротиба 1-қошуқӣ шираи барги зуф хӯранд. Шираи гиёҳи мушхор низ муфид аст. Ҳангоми хуруҷи дарди меъда 1 соат ё ним соат пеш аз хӯрок 1 қошуқ равғани ангат хӯред.

# АСАЛ - ДАВОИ ҲАЗОРОН КАСАЛ



**Асалро аз қадим чун доруворӣ барои бемориҳои зиёд истифода мебаранд.**

Табибон мефармоянд, ки хӯрдани асал баданро аз моддаҳои зарарноки нодаркор пок месозад, гиреҳҳо ва рагҳоро мекушояд.

Он балғами часпак ва рутубатҳоро нест менамояд, онҳоро аз ҷойҳои чуқур ва дури бадан мекашад ва ҳамчунин моддаҳои нодаркорро аз майна хориҷ менамояд.

Муайян шудааст, ки асал дорои 13 гурӯҳи бактерияҳое мебошад, ки кислотаи лактикӣ тавлид мекунанд. Исбот шудааст, ки ин бактерияҳо ҳатто ба чӯбчаи стрептококк таъсир мерасонанд, ки ҳангоми санҷиш дар лабораторияи бемориҳои сироятиро ба вуҷуд меоранд.

Асал дар якҷоягӣ бо ширеши асал (прополис) махсусан фоидаовар аст. Агар онро бо шир ё ҷойи сиёҳ бинӯшанд, саломатиро қавӣ ва рагҳои хунро васеъ мекунад. Ҷойи асалдор низ барои шамолхӯрӣ муфид аст.



# КӮДАК ЧАРО ФАРБЕҲ МЕШАВАД?

**Фарбеҳӣ, яъне вазни зиёди бадан - ин ҳолати аз меъёр зиёд будани чарббандии ҷисми инсон мебошад. Фарбеҳӣ ҳамзамон беморие маҳсуб меёбад, ки тавассути муайян намудани индекси вазни бадан баҳодиҳӣ мегардад. Солҳои охир мушкили вазни барзиёди бадан ва фарбеҳӣ дар байни кӯдакон бештар паҳн гардидааст.**

Нишондиҳандаи баланди фарбеҳӣ дар байни кӯдакони синни 6-7-сола бештар ба назар мерасад, ки ба инкишофи морфологию функсионалии организми онҳо вобастагӣ дорад. Маълум гардид, ки 43 фоизи кӯдакон ғизои ғайриратсионалӣ истеъмол намуда, 84 фоиз бо фаъолияти ҷисмонӣ фаро гирифта нашудаанд.

Баъзе доруворихо ва бемориҳо, аз қабили диабет, кирми меъда ва давраи пеш аз гулдоманӣ сабабгори пурхӯрии инсон мегарданд. Аксари доруворихои асаб хоҳиши хӯрокхӯриро зиёд мекунанд. Хормонҳо низ вазнро меафзоянд, вале хормони ғадуди сипаршакл вазнро кам мекунад. Дар 90% ҳолатҳо иштиҳои аз андоза зиёд беморӣ маҳсуб меёбад.

Агар шумо дар кӯдаки худ фарбеҳшавиро эҳсос кардед, зуд ба табиб муроҷиат кунед.






***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Ҳафтаи нав корҳои дилгиркунандаро бояд ба анҷом расонед, ҳарчанд инро дилатон намехоста бошад ҳам, миёнро маҳкам баста, аз пайи кор шавед. Ташвишҳои зиёди рӯзгор ба дӯшатон бор гашта, бояд хонаву дари худро ба тартиб дароред.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Барои саврҳое, ки айни замон ошиқ шудаанд, ҳафтаи мушкил аст. Агар то имрӯз дар рафтору кирдори дӯстдоштаатон ягон камбудӣ наёфта бошед, дар ин ҳафта мунокишае сар мезанад, ки нуқтаи назаратон комилан тағйир меёбад.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Дар ин рӯз бо монеаҳое рӯ ба рӯ мегардед, ки садди роҳи ба мақсад расиданатон мегардад. Сабаби асосии мушкилиҳо оила, муносибат бо наздикон ва волидон мегардад. Имкони пешравӣ дар вазифа вуҷуд дорад, вале бо сабабҳои оилавӣ пешниҳодро рад мекунед.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Дар ин ҳафта барои кореро ба анҷом расонидан кӯшиши зиёд карданатон лозим меояд. Бо сабаби сар задани мушкилиҳо дар ҷои кор худро нороҳат эҳсос мекунед. Танҳо бо кумаку дастгирии наздиконатон осудахотир гашта, мушкилатонро рафъ месозед.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Дар ҳама кор ташаббусро ба шахси дӯстдоштаатон супореду ухдадориҳоятонро ба ҳамкоратон бовар кунед. Тамоми корҳои худро як тараф гузошта, каме истироҳат кунед. Ягона чизе, ки аз мадди назар набояд дур созед, масъалаҳои молиявӣ аст.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Дар ин ҳафта сунбулаҳои оиладор бо шахси наздикашон мунокиша мекунанд. Даъвою талаби ӯро ба инобат гирифтанатон муҳим аст, зеро мавзӯи асосии баҳси шумо тақсим кардани ухдадориҳои рӯзгор аст. Сунбулаҳои коргар дастгирии ҳамкоронро эҳсос мекунанд.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Ташвиши ягонаи шумо дар ин ҳафта масъалаи саломатиятон аст. Айни замон масунияти баданатон паст шуда, эҳтимоли шамол кашидану ба бемориҳои инфексионӣ гирифтор шуданатон хеле зиёд аст. Аз ин хотир, тадбирҳои пешгирӣ аз бемориҳоро риоя намоед.



***Аќраб***
***23.10 - 22.11***

Дар ин рӯз бо ободсохтани хонаву дари худ машғул шавед. Агар хоҳиши иваз кардани ҷойи мебелро дошта бошед, ҷасурона аз пайи кор шавед. Таъмир кардани хона низ бобарор анҷом меёбад. Барои харидани асбобу анҷоми техникии рӯзгор низ вақти хуб аст.



***Ќавс***
***25.11 - 21.12***

Дар ин ҳафта робитаро бо наздикон ва аъзои оила мустаҳкам созед. Дар ҷои кор эҳтимоли сар задани мушкилиҳо вуҷуд дорад, бо сардор мунокиша мекунед. Тамоми эҳсосоти манфии худро аз пойгаҳи дар берун монда, баъдан ба хона дароед.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Дар ин ҳафта ба сафари роҳи дур баромаданро маслиҳат намедиҳем. Рафту сафари ба нақша гирифтаатонро ба таъхир гузошта нашавад, дар роҳ бо худ маблағи калонро нагиред. Аз гузаргоҳҳо гузаштану бо автобус рафтанро низ тавсия намедиҳем.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Нимаи аввали ҳафта ҳангоми кор бо асбобу ашёҳои тезу буранда эҳтиёт шавед ва мустақилона бо таъмири таҷҳизоти барқии рӯзгор машғул нашавед. Дар ин рӯзҳо азоби бепулӣ мекашед. Хароҷоти худро кам кунед, вале аз касе қарз нагиред.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Ситораҳо ба намояндагони ин бурҷ тавсия медиҳанд, ки аз ҳар як чизи хурд хавотир шуданро бас кунанд. Барои рушди маънавии худ вақт ҷудо кунед. Ба наздикон таваҷҷуҳи бештар диҳед, аммо суҳбатҳои ҷиддӣ ва самимона накунед.

# МАКТАБИ ТАРҶУМА

## Чанд ҳарф аз қисмати Абдурашид Самадов

**Адабиётшиноси маъруф, пажӯҳишгари равобити адабӣ ва тарҷума, яке аз бунёдгузорони ихтисоси тарҷума дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Абдурашид Самадов 80-сола шуд.**



### АБДУРАШИД Ё ТӮЙЧИБОЙ?

Замони бачагии Абдурашид Самадов дар маҳаллаи Қазоқони Конибодом, назди мактаби Чашма гузаштааст.

- Вақте таваллуд шудам, нахуст маро Абдурашид номгузорӣ карданд. Ҳамон шабу рӯзҳо нақшаи пахтасупориро колхози "Ленинград" иҷро карда буд ва падари тракторчиям маро ба шарафи иҷрои нақшаи пахтасупорӣ Тӯйчибой ном гузоштанд. Ҳатто як гӯсфандро қурбонӣ карданд.

Шодии мо дер давом накард ва дар 5-солагиам аз модар маҳрум шудам ва ману хоҳарам ятим мондем. Нони сахти моиндар насибам гардид. Ба як даст арғамчини гов дар саҳро ва ба дасти дигар китобро медоштам. Шабҳо сатилро чаппа карда дар равшании маҳтоб дарс тайёр мекардам.

### "ВОЛНОСЛУШАТЕЛЬ"-И УСТОД ҲУСЕЙНЗОДА

Баъди хатми мактаби миёна ҳамроҳи шарикдарсони худ роҳи пойтахти мамлакат - Душанберо пеш гирифтам. Аввал шомили донишкадаи тиббӣ шуданӣ будам. "Зӯри беҳуда миён шиканад" гуфтани рафиқонам мани навраси 16-соларо ба ҳарос афтонд ва ҳуҷҷатҳоямро ба факултети таърихӯ филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин супоридам. Ҳарчанд донишам бад набуд, вале дар комиссияи мандатӣ нахуст собиқадорони меҳнат ва сарбозони аз Артиш баргаштаро қабул карданду маро ҳамчун "Волнослушатель" қабул карданд. Яъне, шунавандаи озоди курси якуми донишгоҳ. Баробари донишҷӯён ба дарс мерафтам ва дар рӯйхати донишҷӯён ҳанӯз номам набуд. Ҳамин буд, ки ҳангоми супоридани имтиҳони нимсолаи аввал профессор Шарифҷон Ҳусейнзода аз ҷавобам қонеъ гардида, барои гузоштани баҳо номамро дар рӯйхат наёфтанд ва супориш доданд, ки аз нимсолаи дуюми хониш маро ба сифати донишҷӯй ба рӯйхат ворид намоянд.

### НАҚШОФАРӢ ДАР ФИЛМИ "НИСО"

Боре аз донишгоҳ баромада хобгоҳ мерафтам, ки ду нафар аз пасам омада, ба ҳуҷраам ворид шуданд. Ному насабамро пурсон шуда, худро чун ёварони коргардони филми "Нисо" аз киностудияи "Тоҷикфилм" муаррифӣ намуданд. Ба ҷону ҳолам намонда, маро ба киностудия, назди коргардон оварда, чанд намуд акс бардошта, маро ба иҷрои нақши марказии филм - Бахтиёр тасдиқ намуданд. Ҳарчанд дар майдони навор бозӣ мекардам, вале ҳушам банди дарс буд. Ҳамин аст, ки фурсат ёфта, аз майдони навор гурехтам ва ба дарс ҳозир шудам. Дигар тасмим гирифтам, ки аз пайи илм шавам, на синамо.

### МАЪЛУМОТНОМА

Абдурашид Самадов - номзади илми филология, дотсент, адабиётшинос, тарҷумашинос ва муҳаққиқи робитаҳои адабӣ.

Устоди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода. Соли 1945 дар шаҳри Конибодом таваллуд шуда, соли 1966 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро хатм кардааст. Муддате дар телевизион ва бахши бурунмарзии Радиои Тоҷикистон ба ҳайси диктор фаъолият кардааст.

Ду навбат дар Ҷумҳурии Афғонистон фаъолияти тарҷумонӣ дошт.

Соли 1974 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Мақоми ғазал дар эҷодиёти Анварӣ" таҳти роҳбарии профессор Расул Ҳодизода ҳимоя намудааст.

Муаллифи беш аз 200 асару мақолаи илмӣ, аз ҷумла китобҳои "Анварӣ" (1987), "Анварӣ ва ғазалиёти ӯ" (1988), "Шигардҳои тарҷума" (2016), "Шарқ дар оинаи Ғарб" (2019), "Мактаби тарҷума" (2020), "Инсони комил" (2021), "Анварӣ: ҷусторҳо дар рӯзгор ва осор", "Шоҳнома дар Русия" (2023) ва ғайра аст.

Намунаи ашъори Анварии Абевардӣ, Абдулвосеъи Ҷабалӣ ва Ҳазини Лоҳиҷиро таҳияву дар Тоҷикистон нашр кардааст. Соли 2019 китоби барандаи Ҷоизаи Нобел Равиндранат Тҳакур "Гитанҷалӣ"-ро таҳияву нашр намуд.

### АНВАРӢ, ҲОДИЗОДА ВА САМАДОВ

Профессор Расул Ҳодизода маҳорати пажӯҳишгарии Абдурашид Самадовро ба инобат гирифта, барои таҳқиқи илмӣ мавзӯи лирикаи Анварии Абевардиро дод. Ба дастхатҳои илмӣ шинос шуда, осори безаволи Анвариро ба хати кириллӣ баргардонд ва чанд мақола ҳам ба табъ расонид.

Бо ҳамон шавқу шӯри ҷавонӣ дар мавзӯи лирикаи Анварии Абевардӣ пайи иншои рисола шуда, онро сарбаландона ҳимоя намуд.

### РӮ БА ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО

Аз замони таъсиси Донишкадаи давлатии забон ва адабиёти руси Тоҷикистон - аз соли 1980 устод Абдурашид Самадов фаъолияти илмиашро дар ин даргоҳи маърифат идома дод. То ҳол дотсенти ҳамин донишгоҳ аст. Баҳри талқини шогирдон ба забономӯзӣ саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Худ низ ба русию англисӣ балад аст. Ҳамин лаёқати забондониашро ба шогирдон талқин мекунад.

Бисёриҳо ӯро устоди соҳибмактаби тарҷума ва тарҷумашиносӣ медонанд ва яке аз китобҳои маъруфаш низ беҳуда "Мактаби тарҷума" ном нагирифтааст.

### ДАР ОСТОНАИ МАРГ

Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ тӯдаи силоҳбадастон ба таҳдиди ҷонаш омаданд олими забондонро. Ба донишкада низ омада, таҳдид мекарданд, ки ба ин ё он донишҷӯ баҳо гузорад. Аммо устод таслим нашуд. Ҳолатҳои дучор шудан ба садама низ ин инсони наҷиброба вартаи яъсу навмедӣ гузошт...

### ДАР СӮГВОРИИ АЗИЗ

Соли 2010 ягона писари Абдурашид Самадов - Азизи 29-сола дар Маскав фоҷиавӣ ба ҳалокат расид. Доғи фарзанд олимро танҳонишин кард ва дарди худро рӯйи дафтар меорад. Дар жанри мактуб, эссе, ёддошт андешаҳои худро рӯи коғаз меорад. Мотам доштан тайи даҳ сол Абдурашид Самадовро ба бистари беморӣ кашид. Боқӣ осори илмии худро дар кати беморӣ иншо мекард. Ниёиш ба худу писар мекунад. "Мутаассифона, табиатан пессимист шудам",- мегӯяд Самадов.

**Зайниддин Орифӣ,**
**узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон**

### МАВЛУДНОМА

**16 ЯНВАР**

**Шодӣ Акрамов** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Меҳриддин Амдинов** (1905-1939), 120-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Абдусаттори Раҳмон** (1955), 70-солагии зодрӯзи шоир.

**17 ЯНВАР**

**Тағоймурод Аскаров** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Гуландом Аюбҷонова** (1950), 75-солагии зодрӯзи раққоса, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Матлубхон Давлатов** (1950), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, олими соҳаи иқтисод.

**Умарҷон Тоиров** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**18 ЯНВАР**

**Сабоҳатхон Абдуллоева** (1910-1969), 115-солагии зодрӯзи журналист, яке аз поягузорони матбуоти тоҷик.

**Мавлуда Кенҷаева** (1950-2015), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Александр Лавросевич** (1930-1997), 95-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геология ва минералогия.

**Борис Лототский** (1900-1957), 125-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ.

**Абдушукур Ӯлмасов** (1930-1990), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**19 ЯНВАР**

**Булбули Валӣ** (1925), 100-солагии зодрӯзи шоир.

**Мирабдулло Насриддинов** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика, профессор.

**Вера Эстрина** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**20 ЯНВАР**

**Ҷамол Камолиддинов** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Саидҷаъфар Қодирӣ** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Раҳматшо Маҳмадшоев** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми таърих.

**Бахтиёр Расулов** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ.

**Раҳим Саидов** (1940-2010), 85-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Абдурашид Самадов** (1945), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Облобердӣ Шодиев** (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**21 ЯНВАР**

**Тағоймурод Гулов** (1945-2013), 80-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Комилҷон Ғаниев** (1950), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Имомёрбек Қаландарбеков** (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

**Шоиста Шоимардонова** (1945), 80-солагии зодрӯзи забоншинос (англисӣ).

**22 ЯНВАР**

Кароматхон Зокирова (1915-1965), 110-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Ҷалолиддин Муҳаммадов** (1920-1990), 105-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию ҳоҷагӣ.

**Шавкия Поччоева** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Любов Содиқова** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи психология.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи хариду фурӯш №1/11А-20 ба номи Сатволдиев Исмоилжон Исмоналиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ 48, масоҳати умумиаш 88.28 м.м, ошёнаи 11, блоки А, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 АБ №090439, ба номи Ҳалимов Умед Ибодович, ки соли 2001 аз ҷониби МТМУ №96-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04409487, ба номи Нарзиева Дурахшон Муродиллоевна, ки санаи 26.07.2022 аз ҷониби ШММ Калхозчиён, ШВКД дар ш. Панҷакент дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ тахти реестри №7986 ба номи Каримов Атабек Собирович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавси, кӯчаи Коргар 18, хонаи 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1244934 ба номи Саидов Абубакр Муҳаббатович, ки соли 2024 аз МТМУ №56-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03610297, ба номи Тураев Муҳаммаднаби Рустамович, ки санаи 27.03.2021 аз ШМД Навобод, ШВКД-1 ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси ҶДММ "Яхи Ангат", РЯМ: 0110028050, РМА: 010104503, ки санаи 21.07.2022 дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, №48421, аз 25.08.2021, ба номи Султоноёбов Зоир Орифович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Гипрозем, хонаи 36, ҳ. 71, ки аз ҷониби КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи таваллуд, ААН№4429864, тахти рақами №7185, ба номи Сунцов Марк Сергеевич, ки санаи 17.12.2019 аз БСАҲШ ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0243831 ба номи Раҳмонов Абдураҳмон, ки соли таҳсили 2015-2016 аз ҷониби МТМУ №11-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Шералиев Афзал, РЯМ: 0730206611, РМА: 075727454, ки аз 10.10.2020 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба номи Нуралиева Ширмоҳ Давлаталиевна, РМА: 335135100, РЯМ: 3330091215, беэътибор дониста шавад.

# JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- Biodiversity Finance Analyst, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 23330/National Personnel Services Agreement/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 24 January 2025, 23:59 New York time.

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси хоҷагии деҳқони "Абдуваҳоб 2006", роҳбараш Ҷураев Мурадулла, РЯМ: 0730160155, РМА: 075119698, ки аз 26.02.2018 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи хизматии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳури Тоҷикистон, Муасисаи ислоҳии 3/1 №010594, аз санаи 20.01.24 ба номи Муҳамадҷони Холмуҳамадзода, майори хизмати дохилӣ, навбатдор, ёрдамчии сардори муассиса, аз эътибор соқит карда шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Мирзоева Бибихол Эргашевна, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати Варзобқалъа, деҳаи Ҳушёрӣ, хонаи 1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Мино 2010", №0055165, РЯМ: 0110005170, РМА: 010084146, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Ботир", РЯМ: 0710004827, РМА: 070005460, ки аз 21.06.2010 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "АВРУОСИЁ САВДО ВА ТИҶОРАТ", №1, РЯМ: 0110028362, РМА: 010104831, воқеъ дар ноҳияи Сомонӣ фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

UFC

## ПИРӮЗИИ НУРУЛЛО АЛИЕВ БАР ҶО СОЛЕККИИ АМРИКОӢ

**Дар шаҳри Лас-Вегаси Амрико мусобиқаи UFC Fight Night 249 баргузор шуд, ки размикори тоҷик Нурулло Алиев (10-0) пас аз осебе, ки дошт, дубора қавӣ баргашт ва пирӯзиро соҳиб шуд. Варзишгари тоҷик бо Ҷо Солеккии (13-6) мизбон неру санҷид.**

Мубориза барои се раунд аз панҷ дақиқа пешбинӣ шуда буд ва то охир идома ёфт. Дар се раунди мубориза размикори тоҷик хубтар ва фаъолтар ба назар мерасид. Комилан мантиқист, ки ӯ бо қарори якдилонаи доварон дар идома пирӯз шуд.

Ҳамин тариқ, Алиев рекорди худро дар муҳорибаи омехта то 10-0 (UFC 2-0) беҳтар кард. Ин нахустин набарди Нурулло аз моҳи феврали соли 2023 буд. Солеккӣ дар муддати кӯтоҳ вориди набард шуд ва ин сеюмин бохти пай дар пайи ӯ аст.



Алиев аз ин набард наздики 40 ҳазор доллар дарёфт кард, дар ҳоле ки рақиби ӯ 75 ҳазор доллар мегирад.

Ёдовар мешавем, ки Нурулло Алиев аввалин рақобати худро дар UFC бо ғалаба оғоз карда буд. Нурулло 26-уми феврали соли 2023 дар иёлати Невадаи ИМА бар муқобили ҳарифи худ Рафаел Алвес аз Бразилия қувваозмоӣ карда, бо қарори якдилонаи доварон ғалаба карда буд.

ТРАНСФЕР

## ФУТБОЛБОЗОНИ ТОҶИК БА КАДОМ ДАСТАҲО ГУЗАШТАНД?

**Дар арафаи мавсими нави футбол дар равзанаи зимистонаи гузариш чанде аз футболбозони тоҷик бо дастаҳои хориҷа шартномаи ҳамкорӣ бастанд.**

Нимҳимоятгари дастаҳои миллӣ ва олимпии (U-23)-и Тоҷикистон Амадонӣ Камолов бо бошгоҳи футболи «Гулгухар»-и Эрон шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонд. Камолов ҳамчун бозигари озод аз «Истиқлол»-и Душанбе ба бошгоҳи «Гулгуҳар», ки намояндаи шаҳри Сирҷони Эрон аст, гузашт.

Ҳамлагари 20-солаи дастаи мунтахаби Тоҷикистон (U-23) Далер Шарифов дастаашро дар Суперлигаи Ӯзбекистон иваз кард. Ӯ чун бозигари озод бо дастаи



«Шӯртан»-и Гузар, ки имсол дар Суперлигаи Ӯзбекистон баромад мекунад, шартнома баст. Охирин бошгоҳи Далер Шарифов «Металлург»-и Бекобод буд, ки дар ҳайати он дар 24 бозии мавсими гузашта се гол задааст.

Пештар нимҳимоятгари тими миллии Тоҷикистон Эҳсони Панҷшанбе ҳамчун бозигари озод ба «Суғдиёна»-и Ҷиззах гузашт. Охирин бошгоҳи Эҳсон «Истиқлол»-и Душанбе буд.

Ҳамчунин, ҳимоятгари марказии тими миллии Тоҷикистон Зоир Ҷӯрабоев дастаашро дар Суперлигаи Ӯзбекистон, ки се солро охир дар он бозӣ мекард, иваз кард. Ҷӯрабоеви 26-сола ба ҳайси футболбози озод аз дастаи «Нефтчӣ»-и Фарғона ба «Суғдиёна»-и Ҷиззах гузашт.

ҶОМИ ФФТ-2025

## ҚУРЪАКАШИИ МАРҲИЛАИ МУҚАДДАМОТӢ ДАР МИНТАҚАИ ДУШАНБЕ

**Чанде пеш қуръакашии марҳилаи муқаддамотии мусобиқаи анъанавии пешазмавсимии Ҷоми Федератсияи футболи Тоҷикистон-2025 дар минтақаи Душанбе баргузор гардид.**

Бозиҳои муқаддамотӣ дар се минтақа - Душанбе, Хатлон ва Суғд роҳандозӣ мегарданд. Дар минтақаи Душанбе аз Лигаи олӣ дастаҳои «Истиқлол», КМВА, «Ҳосилот», «Регар-ТадАЗ», «Баркчӣ», «Хулбук», аз Лигаи якум «Шодмон», «Сардор», «Ёкут», «Душанбе» ва «Рангон» иштирок мекунанд. Дастаҳои «Ҳосилот» ва «Хулбук», ки аз минтақаи Хатлон ҳастанд, дархост кардаанд, ки дар



минтақаи Душанбе бозӣ кунанд. Аз ҳар гурӯҳ ду дастаи беҳтарин ба марҳилаи ниҳоии Ҷоми ФФТ-2025 роҳхат мегиранд.

Дар натиҷаи қуръакашӣ дастаҳо ба ду гурӯҳ ба тавриi зайл тақсим шуданд:

Гурӯҳи «А»: КМВА, «Регар-ТадАЗ», «Ёкут», «Душанбе», «Рангон», «Шодмон».

Гурӯҳи «Б»: «Баркчӣ», «Истиқлол», «Сардор», «Хулбук», «Ҳосилот».

Бозиҳои марҳилаи муқаддамотӣ дар минтақаи Душанбе рӯзи 20-уми январ оғоз мешаванд. Ҳамаи рақобатҳо дар майдони захиравии Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявӣ баргузор мегарданд.

ТАЛАФОТ

## ДАРГУЗАШТИ СОБИҚАДОРИ ФУТБОЛИ ТОҶИК ОЛЕГ ХАБӢ

**Собиқадори футболи тоҷик, устоди варзиши ИҶШС, мураббии хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон Олег Иосифович Хабӣ 13-уми январ дар синни 85-солагӣ дар шаҳри Маскав пас аз бемории вазнин ва тӯлонӣ даргузашт.**

Олег Хабӣ ҳамчун ҳимоятгар бозӣ мекард. Аз соли 1962 то соли 1972 дар бошгоҳҳои «Энергетик»-и Душанбе ва «Помир»-и лигаи дуюм ва якуми класси «А»-и ИҶШС бозӣ карда, дар 261 вохӯрӣ 14 гол задааст.



Пас аз анҷоми фаъолияти бозигарӣ Хабӣ аз соли 1976 то 1980 ва аз соли 1983 то ноябри соли 1988 узви ситоди мураббиёни «Помир»-и Душанбе буд. Моҳи ноябри соли 1988 ба ҷойи Шариф Назаров сармураббии «Помир» таъйин гардид. «Помир» таҳти роҳбарии Олег Хабӣ тамоми мавсими 1989-ро сипарӣ карда, дар он бори аввал дар Лигаи олии ИҶШС баромад ва дар натиҷа зинаи 13-умро ишғол кард.

РЕЗААХБОР



Дастаи мунтахаби занони футболбози Тоҷикистон дар моҳи феврал бо тими миллии занҳои Арабистони Саудӣ ду бозии дӯстона анҷом медиҳад. Ин бозиҳо 23 ва 26-уми феврал дар Ҷидда баргузор мешаванд. Барои дастаи мунтахаби занони Тоҷикистон ин марҳилаи омодагӣ ба мусобиқоти интихобии Ҷоми Осиё-2026, ки аз 23-юми июн то 5-уми июли соли равон баргузор мешавад, ба ҳисоб меравад. Рақибони даста дар марҳилаи интихобӣ 27-уми март маълум мешаванд.

***

Рақибони дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) дар бозиҳои санҷишӣ дар доираи ҷамъомади таълимиву тамринӣ дар Туркия маълум шуданд. 5-уми январ дастаи Марко Рачинӣ бозии аввалинро бо тими «Манавгат Беледиеспор»-и Туркия (U-19) баргузор кард. 17-уми январ даста бо тими «Шахтёр»-и Украина (U-19) рақобат мекунад. Рақиби сеюм тими наврасони Кувайт (U-17) хоҳад буд. Даста 23-юми январ бо дастаи «Краснодар» (U-17) қувваозмоӣ мекунад.

***

Дар даври 10-уми Суперлигаи футзали Тоҷикистон дар мавсими 2024/2025 бошгоҳи «Соро компания» бо тими «Хуҷанд»-и шаҳри Хуҷанд дидор анҷом дод. Дар ин рақобат шогирдони Пайрав Воҳидов бо ҳисоби калони 9 бар 2 пирӯз шуданд. Бо ҳамин тартиб бошгоҳи «Соро компания» бо дарёфти 24 хол садрнишини ҷадвали умумии Суперлигаи Тоҷикистон боқӣ монд.

***

Дастаи «Истиқлол»-и шаҳри Душанбе тасмим гирифт, ки шартномаи ҳамкориро бо се футболбози хориҷӣ - Дарко Илиескӣ, Димитар Митков ва Франческо Марчиотта дигар тамдид накунад. Ин бозигарон аз оғози мавсим дар ҳайати "Истиқлол" бозӣ мекарданд ва бо ин даста дар Чемпионати Тоҷикистон пирӯзӣ ба даст овարданд.




## ХАСТАГӢ

Марде дӯсташро дар кӯча дида, мепурсад:
- Собир, ту барои чӣ корро бас кардӣ?
Собир мегӯяд:
- Бо сабаби хастагӣ.
Мард ҳайрон шуда, боз суол мекунад:
- Чӣ хел хастагӣ?
Собир мегӯяд:
- Намедонам, роҳбарият гуфтанд, ки аз ман хеле хаста шудаанд.

## ЗАНКАЛОН

Ду занкалон дар кӯча вомехӯранд. Якумаш ба дигарӣ мегӯяд:
- Султон, ман дирӯз занамро дашном додам.
Султон ҳайрон шуда мепурсад:
- Э биё шӯхӣ накун, боварам намеояд.
Мард мегӯяд:
- Занам ба ман гуфт, ки сатили партовро бурда партоям.
Султон мепурсад:
- Гапи занатро гирифтӣ?
Мард мегӯяд:
- Не, ба занам гуфтам, ки дафъ шав, ман ҳоло либосшӯиро тамом накардаам!

## ХОТИРА

Мӯйсафеде назди духтур омада, мегӯяд:
- Духтур, ман алакай 80 сол дорам, вале ҳоло ҳам аз ҷафои духтарҳо медавам.
Духтур мегӯяд:
- Нағз ку, бобо!
Бобо дар ҷавоб:
- Аз куҷо нағз духтур, ман дар ёд гирифта наметавонам, ки барои чӣ аз паси онҳо медавам!

## ДУЗДӢ

Табиб ба бемор мегӯяд:
- Шумо гирифтори клептомания шудаед.
Бемор мепурсад:
- Ин чӣ гуна беморӣ аст?
Духтур мегӯяд:
- Шумо пайваста дуздӣ кардан мехоҳед.
Бемор мепурсад:
- Пас, ман чӣ кор бояд кунам?
Табиб дар ҷавоб:
- Сараввал ручкаи маро баргардонед.

## ХӮРОК БАРОИ ДУ РӮЗ

Марде аз занаш мепурсад:
- Имрӯз чӣ хӯрок пухтӣ?
Зан дар ҷавоб:
- Ҳеҷ чиз.
Шавҳар мегӯяд:
- Дирӯз ҳам ҳеҷ чиз гуфта будӣ!
Зан мегӯяд:
- Ман барои ду рӯз тайёр карда будам.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## АЗ СИЛСИЛАИ "ПАЙКОРИ МӮРОН"

Шикоят ба табиб:- Кафи дастам ҳеҷ намехорад.

***

Забони давлатӣ?! Якбора гӯшу биниро ҳам давлатӣ кунеду монед!

***

Ниҳоят, рӯзномаҳо ҳақикатро навиштанд, вале зери унвони афсона.

***

Дар кишвари мо фил нест, з-ин рӯ, ҳимматамонро пашша мебардорад.

***

Мардеро ҳангоми мутолиаи ашъори Рӯдакӣ дида, таъна заданд, ки аз ҳаёт беш аз 1100 сол қафо мондааст.

***

"Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд",- гуфтаанд. Дурӯғ! Масалан, ман фарзанддор шудам-ку?!

***

Дар кишвари мо иқтисоди бозорӣ хеле густариш ёфтааст. Ҳатто адабиётамон Бозор дорад.

***

Аз навиштаҳои мунаққиде: "Ҳар як шеъри ишқии Лоиқ Шералӣ заминаи воқеӣ дорад".

***

Мавҷҳои пешонаи Муъмин Қаноатро дида, ба хотир овардам, ки ӯ достони "Мавҷҳои Днепр"-ро навиштааст.

***

Магасро аз гурӯҳи хун чӣ парвое!

***

"Хушбахтона, адабиёти тоҷик дар ин давра камол ёфт",- изҳор кард мунаққиде. Камол Насрулло курта-курта гӯшт гирифт.

***

- Сорбони қофилаи адабиёти кунунии мо кист?,- суол кард устод ба донишҷӯён. Ҳама дар ҳайрат монданд: о, худи Сорбон ҳанӯз дар қайди ҳаёт-ку!?

***

Аҳмадшоҳи Маҳмадшо китобашро "Дасти ману домони шумо" номида, пушаймон гашт. Занҳои покдоман аз ӯ меҳаросидагӣ шуданд.

***

Ҷаҳонбиниаш васеъ ва умуман, ягон чизи танг надорад.

***

Зан намегирӣ?! Ояндаи ҷамъият чӣ мешавад?!

***

Ба ифтихори романи "Ғурмагас" ошхонаашро "Ғурмагас" ном ниҳод.

***

"Саодати Шумо - саодати ман",- изҳори садоқат кардам ба сардор. Сахт ранҷид. Маълум гашт, ки занаш Саодат ном доштааст.

***

Чун нотиқ мисраи "Ҳастии мо, партия, бо ҳастият пайванд шуд"-ро хонд, кафшергар гуноҳкорона сар хам кард.

***

Зане, ки ба шавҳараш "ҳама чиз дорам" мегӯяд, ақл надорад.

**Абдурауф МУРОДӢ**

## Сканворд

